**Шодмони КАРИМ**

# ИН МАРДУ ИН ЗАМИН

*Пораҳо аз зиндагиномаи табиби ҳозиқ, академик Ғиёсиддин МИРОҶОВ*

Душанбе
«Адиб»
2012

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ББК 72.3 +51 К-32
К-39

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

К-39 **Шодмони Карим. Ин Марду ин Замин** (очерк, хотира). – Душанбе, «Адиб», 2012, 100 саҳ.

Ин асар чанд лаҳзаи зиндагӣ ва кору пайкори марди шариф, директори Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи АИТ назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики АИТ Ғиёсиддин Қудбуддинович Мироҷовро дар бар мегирад, ки дар пешрафти илми тибби тоҷик хизматҳои шоён намудааст.

ISBN 978-99947-2-176-4

@ Шодмони Карим, 2012

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***Г у р е з   С А Ф А Р***

# А Ф С О Н А И   Н Е К

***Барои академик Ғиёсиддин Меърочов***

Бемор будам чун ба шифохонаи ту,
Гӯё ки будам бар дари кошонаи ту.

Аз лафзи хушат ҷон ба танам болида,
Бахшид даво шеваи меҳронаи ту.

Дар мазраи дил донаи меҳрат корӣ,
Пурбор шавад ҳосили ҳар донаи ту.

Дарди ҳамаро дарди худат медонӣ,
Зинҳор касе нестӣ бегонаи ту.

Ҷони ту зи дарди дигарон месӯзад,
Ту шамъию мо шавем парвонаи ту.

Рӯзу шаби ту дар ғами беморонат,
Дард аст фақат бор ба ду шонаи ту.

Дунё гузарад, нишонааш мемонад,
Некии ту мемонаду афсонаи ту.

*феврали 2008*

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

# И Н М А Р Д

*Ду хоҳише мавҷуд аст, ки иҷрои онҳо инсонро дар ҳақиқат хушбахт мегардонанд; фоидаовар будан ва виҷдони тоза доштан.*

*Лев Толстой*

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***Зиндагӣ оби равон асту равон асту равон,***
***Ҳар саҳар дар лаби ҷӯ кӯзаи худ бигзорам,***
***Ҳар сафар аз назарам мегузарад мавҷи ҳаёл,***
***Кӯза то кай зи лаби об саломат орам?***

Паси тиреза равшан мешуд. Як рӯзи муқаррарӣ меомад. Рӯзе ки ба сари инсон талошҳои навро меоварду бор мекард.

Тамоми шаб мижа таҳ нашуд. Сафар намудан ба дунёи хеш, варақгардон намудани хотироти кӯҳану навин, ба ёд овардани ҳама буду нобуд кори осон нест. Ҳама гӯё хобу хаёле буд…

Варақи сафеди болои миз ҳамоно сафед буд…

## МОДАР

Ранҷҳои рӯзгори сангини баъдиҷангии деҳоти кӯҳистон оқибат ба ҷони зани муштипар кора кард ва ӯ батадриҷ обу адо гашта, се писару як духтар ва шавҳарро танҳо гузошта ниҳоят дар яке аз рӯзҳои сарди фасли тирамоҳи соли 1957 олами пурзаҳматро падрӯд гуфт. Дар хотири Ғиёсиддини ёздаҳсола модар ана ҳамон хел зани ранҷуру бемор як умр боқӣ монд. Ҳавлии калон баъди марги модар дар деҳаи Ярхаби Калони ҷамоати Ҳиҷборак гӯё тамоман сарду холӣ шуд.

Зане буд тамоми аҳли деҳа ӯро ба хубӣ мешинохтанд. Як нафар зани кӯҳистонӣ барои ҳама азиз буд, бо чеҳраи кушода, бо дастурхони ободу ва хоксориаш.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Он замона дигар буд, пеши дар даҳҳо одамон меомаданд, ба хотири як пора нон. Пиронсолони деҳа дар хотир доранд, ки ин зан боре нафареро бо дасти холӣ аз пеши дар гусел накард. Ҳарчанд замона сахт буд ва гоҳҳо мешуд дастурхони фарзандон холӣ мемонд, вале мӯҳтоҷон аз ин даргоҳ ноумед намерафтанд. Доимо ӯ мегуфт:

– Набояд гушнае аз пеши дар ноумед равад.

Зане буд бо тамоми ҳастӣ дарди деҳаро ба худ мекашид. Лек зиндагии ӯ дар нимароҳ канда шуду писарон ва ягона духтар ба ҳоли худ монданд.

Ёди ҳамон рӯзҳо то ба ҳол вуҷуди Ғиёсиддинро ба дард меоранд. Кӯдакии дар нимароҳ гумшуда…

*Тифлию домони модар хуш биҳиште будааст,*
*То ба пои худ равон гаштем, саргардон шудем.*

Гоҳе модар дар хоб намудор мегардад, бо куртаи ҳарири сафед, бо табассуми зебо. Ғиёсиддин як замон, як лаҳза бо даври кудакӣ рӯ ба рӯ мегардад…, бо навозишҳои модар.

Чун чашм мекушояд, бидуни рӯшании субҳи содиқи паси тиреза ва таксарии таршуда, ки бо хаёли кӯдакӣ сиришки сӯзони чашмон онро тар кардааст, дигар чизеро намебинад. Шояд ин хубтарин лаҳзаҳои кӯдакии як марди шариф, ки дар Зиндагӣ ҷою мақоме ёфта ва ба ҷони даҳҳо нафари дигар марҳам шуд, бошад. Шояд Модар ба хотире пеши фарзанд меояд, ки дами субҳ фотеҳаи неки рӯз диҳад.

Ғиёсиддин хуб медонад, ки замоне ӯ хурд буду модари Бузург бемор, имрӯз бошад …

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ин мард Бузург гашт, бо тамоми ҳастӣ, вале Модар ба дуриҳои дур рафт ва имрӯз кӯдакии ӯ ҳануз дар деҳаи Ярхаб ба ёди Модари сиёҳпичамарг сарсону саргардон аст. Ба ёди Модари муштипару хуни ҷигар…

…Бо мақсади таъмин намудани ҳамоҳангии фаъолияти муассисаҳои илмии соҳаи тандурустӣ, ворид намудани дастовардҳои ҳозиразамони илмӣ ва намудҳои нави ташхис ва табобат дар тибби амалӣ, сифатан беҳтар намудани нерӯи кадрӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (№ 494 аз 31 августи соли 2009) Муассисаи давлатии «Академияи илмҳои тибби Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон (АИТ ВТ ҶТ) таъсис дода шуд. Ин рӯзро академик Ғиёсиддин Мироҷов рӯзи нек дар сафҳаи тибби тоҷик арзёбӣ намуд.

Баъдтар рӯйхати муассисаҳои илмии зертобеъ тасдиқ гардид, ки яке аз онҳо Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерология» буд.

Баъди се моҳ, аниқтараш моҳи октябри соли 2009 академик Қ.Қ.Мироҷов Президенти АИТ ВТ ҶТ таъин гардид. Ин таъинот маънии онро дошт, ки ба зиммаи ӯ боз як кори масъул, ташкил ва фаъол намудани кори академия гузошта шуд. Ин кори осон набуд. Ба даъвои нафароне, ки номумкин будани як нафарро дар ду вазифа доштанд, нигоҳ накарда ӯ ба кори нав оғоз намуд. Дар як муддати кутоҳ академия аз тарафи Вазорати адлияи ҶТ АИТ ВТ ҶТ ба қайд гирифта шуда, соҳиби шаҳодатнома гардид. Оинномаи АИТ ВТ ҶТ ва Низомнома оид ба интихоби аъзоёни АИТ ВТ ҶТ таҳия гардиданд.

Дар асоси озмун 2 нафар академик ва 3 нафар аъзокорреспондентҳои АИТ ВТ ҶТ интихоб гардиданд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Раёсати АИТ ВТ ҶТ дар ҳайати Президент, ду нафар ноиби Президент, ки ба масъалаҳои тибби клиникӣ ва назариявӣ бо фармасевтӣ назорат мебаранд ва Саркотиби илмӣ таъсис ёфт. Инчунин шӯъбаҳои тибби клиникӣ, тибби назариявӣ бо фармасевтика, илмӣ – ташкилӣ, аспирантура ва ҳамоҳангсозии тадқиқотҳои илмӣ ташкил карда шуданд. Хуллас, академия по рост намуд. Ин рӯзҳои нахустини кор буд…

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## К А Т И Б А И Р Ӯ З

*Рӯзи нав меояд.*

*Рӯзе ки дар он табассуми кӯдак, ишқи ноком, хиради бузургон таҷассум меёбад.*

*Рӯзе ки дар вуҷуди мо парвози навро ба дуриҳои дур оғоз мекунад.*

*Рӯзе ки Замин аз сари нав бедор мешавад, бо муҳаббату шодӣ, бо азобу талхиҳояш.*

*Рӯзе ки сафед ва сабук аст...*

*Мегӯянд, ки ҳар субҳ одамизод ҳангоми аз хоб бедор шудан якбора аз ҷойгаҳ намехезад, андешаи рӯзҳои рафтаву андешаи хоби дида ӯро лаҳзае ба худ мекашанд. Бо ширинию талхиҳояш...*

## П А Д А Р

Падараш акаи Мироҷ низ, ки ҳамон солҳо дар деҳаашон вазифаи раиси колхозро иҷро мекард, баъди вафоти завҷа басо рӯҳафтода шуд. Ӯ дигар тоқати дар деҳа истоданро надошт. Шояд ҳамин сабаб шуд, ки ӯ вазифаи раисиро гузошта, ба бошишгоҳи зимистонаи чорводорон ба маҳаллаи Лоҳури ноҳияи Данғара кӯчида рафт.

Моҳҳою солҳо паси сар гардиданд, вале ӯ дигар ба деҳа барнагашт. Фарзандон баъди чанд сол шуниданд, ки падар дар ҷойи нав оилаи нав бунёд кардааст. Ва баъдтар боз фаҳмиданд, ки ...

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Зиндагӣ ин худ таззод ҳаст, таззоди буду нобуд. Ҳар лаҳзаву рӯзи рафтаи он барои одамӣ бебозгашт аст. Роҳест басо тӯлонӣ, вале ба андозаи як нафас. Охирин лаҳза ва … охирин видоъ дар ин олами саргуми раҳпаймоӣ.

… Чун аз пеши ин боғ мегузарӣ, чун ба дарахтони дар замини беоб сабзида менигарӣ, чанд суоле пайдо мешавад: Кӣ ин чулистонро ба гулистон табдил дод? Кист он? Кӣ ба ин роҳ ҳидояташ намуд? Чи қадар заҳмату талош паси сар шуд?

Ва ҷавобе омад, ки ин мард имрӯз байни мо нест, ҷаҳонро аз худ фарзандону ҳамин боғро мерос гузоштааст. Заҳмате ки дар талоши ҳастии ин боғ намудааст, шабонарӯзӣ буд. Аслан ӯ марди таҳҷоӣ набуд… Ва одами оддӣ ҳам набуд… Баъдтар фаҳмидем, ки сухан сари кӣ меравад.

Раиси Мироҷ нафаре буд, ки дар водии Рашт ҳама ӯро мешинохтанду ҳурмат мекарданд. Ӯ солҳои сол барои ободии диёру зиндагии хуби мардуми ин водӣ хизмат карда буд. Аммо … тақдиру қисмат ӯро ба маконе овард, ки зиндагиро гӯё аз сари нав оғоз намуд. Аз сари нав хонадор шуд, фарзандони нав таваллуд шуданд…

Ба ёди ёфтани нафаре, ки ӯро медонисту ҳамнишин буд, роҳ сӯи деҳаи Лоҳури ноҳияи Данғара мегирам. Тайи ҷустуҷӯҳои зиёде хонаеро нишон доданд. Дар ҳамон хона бобои Ислом зиндагӣ дорад ва соҳиби боғро хуб мешинохт.

Ман ба мӯйсафед нигоҳ мекунаму ӯ ба ман. Мардест, ки синнаш ба ҷое расида. Пиёлаи чойи дасташ меларзид:

– Ин мард аслан аз ҷойҳои мо набуд, вале касе инро пайхас намекард. Ин бар он маънист, ки мо ӯро аз давраи раисӣ, ки ба хабаргирии чӯпонҳо ва гусфандони колхозаш

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

меомад, мешинохтем. Марде буд хушчақчақ, бо калонҳо калон буду бо хурдҳо хурд. Дар як замон дар деҳа одами худӣ шуд, ба боварии мардум даромад. Ҳамин хислатҳояш буд, ки беҳтарин духтари деҳа ба ӯ ба шавҳар баромад. То ба имрӯз васфи зебогии ин духтар ба гуш мерасад. Мегӯянд, ки то ба имрӯз чунин зебосанамҳо дар Данғара ангуштшуморанд. Баъд зиндагиаш ранги дигар гирифт… Хонадорӣ, фарзандон пайдо шуданд, боғ барпо кард…

Мӯйсафед хомуш шуд, пиёлаи чойро чаппагардон намуда аз ҷояш хест:

– Биё рафта боғро сайр мекунем.

Мусафед низ канда-канда сухан мегуфт:

– Мироҷ дар пайи фикри дигаре афтид. Баъди зангирӣ ба боғсозӣ сар кард. Шиносҳо мегуфтанд, ки беҳуда худро азоб надеҳ, дар чулистон дарахт намерӯяд, об нест. Лек баъди чанд сол овозаи боғаш ба дуриҳо паҳн шуд. Мегуфтанд дар Данғара нафаре бо оби кашида боғ барпо кардааст. Ин боғ нишона аз он мард аст…

Шамолаки серуни бегоҳӣ дар боғ сайр дошт.

Имрӯз боғ нишона аз он мард аст, вале заҳмати кашидаи ӯ ҷиҳати барпо намудани боғ дар чи буд? Ба ин суол муйсафед низ ҷавоби дурусте наёфт.

– Шояд, – хомуш монд.

… шояд ин ҳама ба хотири он буд, ки Зиндагии парешро дар як мавзеъ ҷамъ оварад. Шояд ӯ умеди он дошт, ки ҳар як дарахти сабзкарда нишонае аз он рӯзҳои Зиндагии рафтаву меомада бошанд. Шояд ҳар як дарахти сабзида номи фарзандони ҷигарбандашро дошт, фарзандоне ки аз падар ҷудо буданд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ахиран дар деҳаи Лоҳури Данғара боғ обод шуд, боғи овозадор шуд, номи Мироҷ то дуриҳои дур рафт. Мӯйсафед илова намуд:

– То нафаси охирин Мироҷ дар боғ буду боғ бо Мироҷ...

… Рӯзҳои авали кор осон набуд. Барқарор ва мустаҳкам намудани робита бо пажӯҳишгоҳҳою марказҳои илмӣ, интихоб намудани кормандон ва фароҳам сохтани шароити корӣ масъулияти Ғ.Қ.Мироҷовро дучанд бедор намуд. Ӯ медонист, ки дигарон ба ҳар як қадами монда назари худро доранд. Ягона пеша ин ҷоннок намудани фаъолияти кори академия буд. Барои кор олимони шинохтаи соҳаи тибби тоҷик сафарбар шуданд. Аз рӯзи нахустин пеши ҳама як вазифа – баланд бардоштани мақоми илми тибби тоҷик гузошта шуд.

Албатта, душвориҳо зиёд буданд. На ҳама роҳбарони марказу пажӯҳишгоҳҳо муносибати самимона доштанд. На ҳама мехостанд академия мавқеи худро ёбад. Ҳатто буданд нафароне, ки ташкил ёфтани онро кори зиёдатӣ маънидод менамуданд. Вале гап сари дигар масъала мерафт, илми тоҷик бояд рушд кунад ва ягона маркази худро дошта бошад. Ғ. Қ. Мироҷов ана ҳамин тарафи масъаларо асосӣ меҳисобид.

Ва талошҳои соли аввал натиҷаи худро доданд.

Бо шарофати АИТ ВТ ҶТ бори аввал дар ҷумҳурӣ корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар соҳаи тиб, тайёр намудани мутахассисони илмии баландихтисос ва мукаммалгардонии сохторҳои муассисаҳои илмӣ мутобиқ гардонида шуд.

Дар давоми сол 20 маҷлиси Раёсати АИТ ВТ ҶТ гузаронида шуд, ки 6-тои он маҷлисҳои васеъ бо ширкати ҳамаи муассисаҳои зертобеъ буданд, дар онҳо вобаста ба иҷроиши фаъолияти илмӣ, илмӣ-ташкилӣ, маъмурӣ-

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

хоҷагидории АИТ ВТ ҶТ қарору фармоишҳо қабул карда шуданд.

Академияи илмҳои тибби Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Лоиҳаи «Барномаи тараққиёти технологияи инноватсионӣ»-ро пешниҳод намуд, ки барои баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ ва рушди соҳаи тандурустӣ мусоидат мекард. Аз 10 барномаи пешниҳоднамуда 6-тояш аз ҷониби Ҳукумати ҶТ 3 марти соли 2011 тасдиқ гардид. То ба ҳол чунин пешрафт дар илми тибби тоҷик ҷой надошт. Аллакай маълум буд, ки дар сатҳи ҳукумат низ ба фаъолияти АИТ ВТ ҶТ бо назари нек менигаранд ва корҳои азимеро бояд пиёда намуд.

Рӯзҳои рафтаю талошҳои карда натиҷаҳои худро медоданд…

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## КАТИБАИ РӮЗ

*Рӯзи нав меояд, барои чашмасори кӯҳистони ман.*

*То дирӯз оби чашмаи зери харсанг ҷорӣ буд ва имрӯз ҳам он кам нашудааст. Танҳо мо оби онро бо ташнагии нав менушем. Мехоҳем, ки тамоми чангу ғубор, кинаву бухл, вуҷуди нопоки хеш тоза гардад. Сиёҳиҳои зиндагии гирдгардон руфта шаванд. Сабук гардем.*

*Мегӯянд, ки ҳар як ҷуръаи субҳгоҳон нӯшидаи оби чашмасор бо омади рӯзи нав бо ашки шодӣ табдил меёбад. Покиҳои рӯзи нав зиёдтар мегарданд..*

## ДЕҲАИ МАН – КӮДАКИАМ

Тамоми вазнинии хонадон - тарбияи бародарон, нигоҳубини ҳавлию боғ - акнун ба зиммаи бародари калонӣ Аброриддин афтод. Ӯ, бо вуҷуди ҷавон будану дар дил садҳо орзу парваридан ногузир побанди деҳа ва бародари хурдсолаш Ғиёсиддин шуда монд. Акнун ба воя расондану, таҳсил карда, босавод шудани бародари хурдӣ маҳз ба Аброриддин вобаста буд. Махсусан зеҳни тези Ғиёсиддин аз ояндаи неку дурахшони ӯ дарак медод.

Солҳои баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ вазъи зиндагии мардуми мамлакат, бавижа аҳоли минтиқаҳои кӯҳистон бо сабаби пурра фаъолият накардани корхонаҳо, мушкилоти бартарафсозии оқибатҳои ҷанг бениҳоят сангин мегузашт. Аз вазъи мавҷуда махсусан наврасону кӯдакон азият мекашиданд. Ғиёсиддин Мироҷов бо вуҷуди фарзанди раиси

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

колхоз будан мудом нимгурусна буд. Дар бораи либоси шинаму зебо, ки наврасон ба он шавқу рағбати калон доранд, ҳоҷати гап набуд. Бо вуҷуди ин одамон бо умеди фардои нек зиндагӣ мекарданд. Бо сабаби ба кори колхоз банд будани падар тарбияи Ғиёсиддин асосан ба ӯҳдаи амакаш Ҷамолиддин гузошта шуда буд. Эҳтимол, Ҷамолиддин аз гурӯснагии худ ва ҷиянаш ҷигархун шуда, боре ба ӯ маслиҳат дод.

– Ғиёсиддин, ман як мактуб навишта ба дастат медиҳам. Ту онро бурда ба дасти мудири фермаи колхоз мерасонӣ. Мудир дар ивази мактуб аз ферма ба ту ҳар рӯз як коса қаймоқ медиҳад.

Ғиёсиддин аз умқи мақсади амакаш бехабар фармудаи ӯро иҷро намуд. Мудири ферма баъди хондани мактуб ба дасти Ғиёсиддин як коса қаймоқ дод ва фармуд, ки ҳар рӯз омада як косагӣ қаймоқ гирад. Анҷоми моҳ вақте раиси колхоз ҳисоботҳои хоҷагиро тафтиш мекард, чашмаш ба ҳисоботи мудири ферма расид. Мутобиқи ҳисоботи мудир ҳар рӯз дар давоми қариб як моҳ ӯ ба дасти Ғиёсиддин, писари раиси колхоз як косагӣ қаймоқ додааст. Раиси колхоз аз ҳодиса огоҳ шуда, котибаро фармуд, ки мудири фермаро ба наздаш даъват кунад.

– Ту чӣ кор карда истодаӣ, ба ту кӣ фармуд, ки ба дасти писари ман ҳар рӯз як коса қаймоқ диҳӣ?, – сарзаниш кард раис мудири фермаро.

– Ман мутобиқи мактуби имзокардаи худатон амал кардам, – аз сарзаниши раис гаранг шуда гуфт мудири ферма.

– Кадом мактуб, чӣ хел имзо, – дубора пурсид раис.

– Мактуб дар дастам, агар хоҳед онро ба шумо медиҳам, – гуфт мудир.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Раиси колхоз мактубро ба даст гирифта онро аз назар гузаронд. Дар ҳақиқат дар зераш имзои худаш меистод, вале ӯ ба касе бо чунин мазмун ягон маротиба мактуб надода буд. Лаҳзае андеша карда сипас ба мудир фармуд, ки бародараш Ҷамолиддинро пайдо карда ҳамроҳ ба назди ӯ дароянд.

Ҷамолиддин гуноҳашро ба гардан гирифт.

– Аз нимгуруснагӣ азият кашидани Ғиёсиддинро дида дилам хун мешавад, аз ин рӯ бояд чорае меандешидам. Бо ҳамин сабаб мактуб навишта имзои қалбакӣ гузоштам.

Раис ба суханони бародараш ҳарфе нагуфта, ба мудир фармуд, ки маблағи якмоҳаи қаймоқро аз сари маоши ӯ гирад.

Ана, дар ҳамин мавриди мушкили зиндагӣ мудири мактаби деҳа Носир Саидов бо маслиҳату дилбардориҳояш ба Аброриддину бародарони хурдсолаш мадад мерасонд. Боре мудири мактаб ҳангоми яке аз чунин аҳволпурсиҳо бо Аброриддин аз ин сӯву он сӯ сӯҳбат намуду дар охир санҷишкорона пурсид.

– Аброриддин, ман ният дорам писарам Маҳмадшокирро ба мактаб-интернати маркази ноҳия бурда монам. Худат медонӣ, шароити деҳа вазнин, бачаҳо аз пушти кору бори хона шуда, вақти мактабхонӣ намеёбанд. Дар мактаб-интернат бошад онҳо аз ҳамаи корҳо озоданд, он ҷо як кор – таҳсил мекунанду халос. Агар розӣ бошӣ Ғиёсиддинро ҳам ба ҳамон мактаб бурда мемонам. Аз назарамон дуртар бошанд, ҳам вале муаллимони хуб доранд, бачаҳоямонро ҳамчун фарзанди худашон тарбия мекунанд.

Аброриддин ба суханони Носир Саидов бодиққат гӯш доду ба андеша фурӯ рафт.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

– Чӣ гуфтӣ, Аброриддин, ё фикрам ба ту маъқул нашуд, – кунҷковона дубора пурсид муаллим.

– Гапатон маъқул, муаллим, аммо аҳволи вазнини оилаи мо ба худатон аён аст. Ғиёсиддинро, ки ба Ғарм равон кардем, бояд барои хӯрондану пӯшонданаш маблағ пайдо кунам, ки дар деҳа чунин маблағро пайдо карда наметавонам.

– Дар ин бора андеша накун, писарам, давлат фарзандонашро дар кӯча напартофтааст. Муҳимаш бачаҳо хуб таҳсил кунанд. Насиб бошад баъди мактаби миёна Маҳмадшокир ва Ғиёсиддинро ман худам ба шаҳри Душанбе бурда дар ягон мактаби олӣ мемонам.

Аброриддин суханони муаллимро дар мизони ақл баркашиду дар дил ба онҳо розӣ шуд. Аммо ҷудоӣ аз бародар барояш вазнин буд, бар замми ин дилашро садҳо гумону андеша беқарор мекард. «Боз бача фикр накунад, ки ба акааш хӯрондану пӯшондани бародар мушкилӣ кард ва аз марги модар ҳанӯз як сол нагузашта ӯро ба тарбияи давлат супурд. Ҳаққу ҳамсояҳо чӣ мегӯянд?» Ҳамин андешаҳояшро як бор ба муаллим гуфтанӣ шуд, аммо... Муаллим, ки марди зиндагидида ва ботаҷриба буд, ӯро ором намуд.

– Аз дилат ин лаҳза ҳар гуна гапҳо мегузаранд, аз ҷумла ту дар бораи таънаи мардум андеша дорӣ, Аброриддин. Вале ба ман гӯш деҳ, охир ман ҳам писарамро ба мактаб-интернат дода истодаам ва дар бораи гапи мардум андеша надорам. Писарам хонда босавод шавад шуд.

Суханони охирини муаллим Носир Саидов гумону шубҳаҳои дили Аброриддинро аз байн бурд ва ӯ фикр кард, ки воқеан дар мактаб-интернат таҳсил кардани бародараш ба нафъи ӯст. Шароиту имкониятҳои мактаб ба-

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

рои бачаҳои камбизоат нисбат ба мактабҳои оддӣ беҳтар ва талабот дар онҳо бештар аст.

– Муаллим, ман аввал як бор бо Ғиёсиддин нишаста сӯҳбат кунам, бубинам, ки худи ӯ чӣ андеша дорад, – сухани муаллимро шикастан нахоста, ваъда дод Аброриддин.

Сӯҳбати бародарон дар мавзӯи идомаи таҳсил дар мактаб-интернати ноҳияи Ғарм кӯтоҳ буд. Ғиёсиддин ҳанӯз фироқи дурӣ аз мутаккои ягона – бародари калонашро дуруст дарк намекард ва ҳар чӣ ӯ гӯяд омода буд ҳамонро иҷро намояд.

– Хоҳиши ҳамроҳи ҳамсабақат Маҳмадшокир ба Ғарм, ба мактаб-интернат рафта таҳсилро давом додан дорӣ, – пурсид Аброриддин.

– Худат медонӣ, ака, – кӯтоҳ посух дод Ғиёсиддин…

… Боре дар сӯҳбате сухан сари шеъру шоирӣ рафт, сари бузургони адаб, ки тоҷикон басо таърихи бой доранд. Нафаре аз ҳозирин гоҳе худро носиру гоҳе нозим муаррифӣ намуда, риштаи суханро ба касе намедод. Хуласи кор ҳамин шуд, ки ин «бузург» худро дар радифи Рӯдакию Ҷомӣ ва Мирзо Турсунзодаю Бозору Лоиқ дар як қатор ҷойгир намуд. Боқӣ ҳама ба назари ӯ ба сари адабиёт хисорот овардаанд, адабиётро хор карданд ва имрӯз касе нест, ки бори гарони адабиётро ба душ гирад. Ғиёсиддин, ки аз ҷумлаи меҳмонон ба шумор мерафт, аввал ба бузургии ӯ қоил шуд, вале баъдтар фаҳмид, ки ин «бузург» бо ин ҳама суханпардозиҳояш танҳо як чиз мехоҳад. Мехоҳад, ки шуҳрату шаҳомати хосеро соҳиб гардад ва соҳиби вазифае дар баландиҳо бошад. Ин баръало ҳис шуд, ки вақту бевақт дар воизиаш хотиррасон мекард: «Агар ман қудрат медоштам…»

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ин дам ба ёди Ғиёсиддин муаллими забон ва адабиёт Мадалӣ Саидов омад. Ӯ устоде буд, ки қадри суханро басо боло медонист ва доимо ба шогирдон як пандро такрор ба такрор мегуфт: «Одамизодро 2 сол лозим аст, ки забон омӯзад ва 70 соли дигар даркор аст, ки дар сухан гуфтан таҳаммул карданро ёд гирад».

Ҳамон дам Ғиёсиддин таги дил гуфт, ки шояд ҳамин панд барои ҳамин «бузургон» гуфта шуда бошад.

Бозори Собир низ дар ин бора хуб гуфтааст:

*Ину оне ҳар куҷо даъвои Сино мекунанд,*
*То ба боми олами шӯҳрат гузоранд нордбон.*
*Лек Сино он қадар ин бомро бардоштааст,*
*Ину он кай метавонанд нордбон монанд ба он.*

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## КАТИБАИ РӮЗ

*Рӯзи нав меояд.*

*Барои уқоби сари шах.*

*Уқоб паррандаест баландпарвозу қавичангол, ки баландиро announced мееписандад. Лонаи худро сари шахҳои азим, ки барои одамизод дастнорас аст, мегузорад ва аз он меболад, ки ҳам парвозу ҳам зиндагиаш доимо дар баландист. Худро якка медонад.*

*Мегӯянд, ки Одамизод низ гоҳо худро шабеҳи ин парранда медонад, вале бехабар аз он ки ҳар баландӣ боз пастии худро дорад..*

## ДОНИШОМӮЗӢ

Солҳои таҳсил дар мактаб-интернат ноаён паси сар мешуданд. Таътили тобистонаро Ғиёсиддин дар оғӯши зодгоҳ ҳамроҳи бародарону ёру ошноҳояш дар деҳаи Ярхаби Калон гузаронда, тирамоҳ боз ба Ғарм мерафт. Бо вуҷуди он ки охири солҳои панҷоҳуму аввали солҳои шастум, ки ба давраи мактабхонии Ғиёсиддин рост омада буд, мардум зиндагии хуб надоштанд, вале муҳассилини мактаб-интернат азоби гуруснагию дарбадарӣ накашиданд. Баръакс, бачаҳои лаёқатманд дар шароити вазнин тамоми фикру ҳушашонро ба таҳсил равона карданд.

Дониши мукаммали Ғиёсиддин аз фаннҳои гуногуни таълимӣ ба зудӣ ба муаллимони мактаб-интернат аён гашт. Ҳамсинфону ҳаммактабиёнаш низ ба ӯ ҳамчун ба талабаи фаъолу аълохон муносибат мекарданд ва аксар кӯшиш менамуданд, ки бо ӯ дӯстӣ дошта бошанд. Ғозибек ҳам яке аз чунин ҳамсинфоне буд, ки бо Ғиёсиддин дӯстӣ

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

дошт. Бо вуҷуди аз Ғиёсиддин ду-се сол калон буданаш Ғозибек Тураев ба дӯсти наваш бародарвор муносибат мекард. Дар байни дарсҳо, агар вақти холӣ пайдо кунанд, ҳатман ӯро ба хонаашон, ки дар маркази шаҳраки Ғарм ҷойгир шуда буд, меҳмонӣ даъват мекард. Хуллас, дар муҳити нав дӯстони нав пайдо карда Ғиёсиддин дурӣ аз оилаашонро кам эҳсос менамуд.

Ҳамон солҳо дар мактабҳо муаллимони дорои маълумоти олӣ ангуштшумор буданд. Махсусан, дар мактабҳои деҳот муаллимони дипломдор намерасиданд. Барои аз вазъият баромадан шӯъбаҳои маориф барои дар мактабҳо кор кардан ба талабагони пешқадам иҷозат медоданд ва талабагоне, ки мактабро бо баҳои хубу аъло хатм мекарданд, аксар барои кор ба мактабҳо ҷалб карда мешуданд. Ғиёсиддин ҳанӯз дар синфи ҳафтум дар байни шогирдону муаллимони мактаб ҳамчун талабаи хушзеҳну доно шинохта шуд. Махсусан, фанни риёзиро, ки барои бисёр талабагон мушкилӣ мекард, Ғиёсиддин ба осонӣ аз бар менамуд. Маҳз хотираи қавӣ ва зеҳни тезашро ба эътибор гирифта муаллимон ният доштанд, ки ӯро баъди хатми мактаб барои идомаи таҳсил ба Донишгоҳи давлатии шаҳри Москва ба номи М.Ломоносов равон кунанд.

– Бигузор таҳсилашро дар шаҳри Москва давом диҳад, – мегуфтанд муаллимон дар сӯҳбатҳояшон. – Аз ҳоло аён аст, ки аз ӯ олими хуби риёзидон мебарояд.

Ин боварии муаллимонро бемории муаллими риёзии мактаб Қурбонҷон Шарифов боз ҳам қавитар намуд. Муаллими фанни риёзии мактаб бемор шуду ӯро барои ҷарроҳӣ ба шаҳри Душанбе бурданд. Роҳбарияти мактаб ҳайрон буданд, ки акнун ин фанни мушкилфаҳмро дар синфҳои болоии мактаб ба кӣ бовар кунанд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

– Ғиёсиддин Мироҷов аз ӯҳдаи дарс додан мебарояд, иҷозат диҳед ӯ ин вазифаро ба ӯҳда гирад, – хоҳиш кард муаллими риёзӣ Қурбонҷон Шарифов.

Минбаъд Ғиёсиддин дар як вақт ҳам шогирд буду ҳам омӯзгори мактаб. Муаллим Қурбонҷон Шарифов баъди ҷарроҳӣ шифо ёфта ба мактаб баргашт ва фаъолияти омӯзгориашро давом дод. Дарсҳои риёзӣ аз зиммаи Ғиёсиддин гирифта шуд. Вале таҷрибаи дар кори омӯзгорӣ андухтааш барои ӯ аз мактаб-интернат якумр мерос монд.

Соли 1962 Ғиёсиддин синфи ёздаҳи мактаби миёнаро хатм намуд. Мебоист барои имтиҳонҳои қабул ба мактаби олӣ омодагӣ бинад. Ният дошт Москва рафта таҳсили илм кунад, аммо шароити оилавӣ имкон намедод. Ғиёсиддин аз ин ҳолат бисёр ошуфтаю ғамгин мегашт, аммо ба ҷуз бародараш Аброриддин пуштибон ва шахси ғамхору дилсӯз надошт. Ба зиммаи бародараш Аброриддин, ки аллакай оиладор ва соҳиби 8 фарзанд шуда буд, бо маблағ таъмин намудани сафари дури бародараш вазнинӣ мекард. Бо вуҷуди ин ӯ розӣ шуд, ки Ғиёсиддин ба Душанбе рафта, дар донишкадаи тиббӣ таҳсил кунад.

– Амакамон Ҷамол ҳам дар донишкадаи тиббӣ таҳсил кардааст, ба ту дар хонданат албатта кӯмак мерасонад, – ҳангоми ба Душанбе барои таҳсил гуселондани Ғиёсиддин маслиҳат дод бародараш. Дар ҳақиқат Ҷамол Қутбиддинов, ки худ духтури осебшинос буду дар яке аз бемористонҳои марказӣ кор мекард, минбаъд ҳангоми таҳсил дар донишгоҳи тиббӣ роҳнамо ва мутаккои Ғиёсиддин гардид ва барои дар илми тиб муайян намудани роҳи минбаъдаи ҳаёт ба бародарзодааш кӯмакҳои бедареғ расонд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

… Ғиёсиддин Мироҷов роҳбаре буд, ки дар давоми як соли кор ба ҳайси Президенти Академияи илмҳои тибби назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тамоми маънӣ ин муассисаро бунёд намуда, ба рушди илми тибби тоҷик мусоидат кард.

Дар ин давом илми тиб ҷараёни наверо ба худ касб намуд, ки акнун фаъолияти он аз як марказ идора мешуд. Дигар ба тақлидкорӣ, изофанависӣ ва ваъдаҳои болохонадор роҳ набуд. Инро ҳар як корманд ва олими тиб ба хубӣ фаҳмид.

Баъдтар ҳамаи ин дар баромади вазири тандурустӣ Н.Салимов, ки дар маҷлиси умумии солонаи АИТ ВТ ҶТ сухан ронд, исботи худро ёфт:

«Бояд қайд кард, ки то таъсисёбии Академияи илмҳои тибби назди Вазорати тандурустӣ ба нерӯи бузурги илми тиб нигоҳ накарда, корҳои илмӣ дар соҳаи тиб ва тандурустӣ на он қадар ба талаботи замона ҷавобгӯ буда, ба тарви номуташакил пеш бурда мешуданд. Вазорати тандурустӣ ҳама вақт имкон намеёфт, ки дар муассисаҳои илмӣ аз болои ин ё он мавзӯи илмӣ, ҳимояи рисолаи номзадӣ ва докторӣ назорати дуруст ба роҳ монад. Дар баъзе ҳолатҳо мавзӯҳои илмӣ тавре ба нақша гирифта мешуданд, ки дархурди дарди ҷомеа ва талаботи Вазорати тандурустӣ набуданд. Ба назар чунин мерасид, ки гӯё баъзан вақт ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ бе маводи клиникӣ ва эксперименталӣ гузаронида мешуданд. Баъзан ҳолатҳое рух медод, ки рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, монгорфияҳо ва дастурҳои таълимию тандурустӣ ба табъ расида, ба талаботи ҳозираи илми тиб ҷавобгӯ набуданд. Аммо, мутаассифона бисёре аз олимони мӯҳтарами мо ба ҳамаи ин омилҳои манфӣ, ки ба паст шудани шӯҳрати илми тибби ватанӣ оварда мерасонад, кам таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, канорагирӣ мекарданд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Инак, аз таъсиёбии Академияи илмҳои тиббӣ ҳамагӣ як сол гузашт ва имрӯз мо натиҷаи кори яксоларо ҷамъбаст менамоем. Ҳисоботи солонаи Академияи илмҳои тибби назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2010 бори дигар собит намуд, ки воқеан ҳам, таъсири академияи соҳавӣ метавонад дар оянда ба такони ҷиддӣ бахшидан ба рушди илми тиб ва умуман соҳаи тандурустӣ дар кишварамон мусоидат намояд…»

Ин баҳое буд ба кори яксолаи академик Ғиёсиддин Мироҷов ҳамчун президенти Академияи навтаъсис.

Дастоварди дигар ин чоп намудани китоби «Ҳисоботи мухтасари фаъолияти Академияи илмҳои тибби назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» буд. Академик Ғ.Мироҷов ҳар сатри ин китобро гаштаю баргашта мутолиа намуда, ба дастоварду камбудиҳои илми тибби кишвар, пажӯҳишгоҳу марказҳои он аз рӯи нуктаи назари илмӣ баҳо дод. Дар китоб танҳо кори яксолаи ин ё он муассисаи илмӣ таҷассуми худро ёфтанд. Ин китоб нишондодест, ки илми тибби тоҷикро муаррифӣ менамояд.

Зери таҳрири Президенти Академияи илмҳои тибби назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғ.Қ.Мироҷов китоби дигар бо номи «Дастоварҳои илми тибби Тоҷикистон дар 20 соли Истиқлолият» рӯи чоп баромад. Дар китоб маводҳое ҷамъ омаданд, ки танҳо дастовардҳои илми тибро инъикос менамуданд. Коркардҳои олимон, кушода ва ворид намудани усулҳои нави ташхис ва табобати бемориҳои гуногун дар зарфи 20 соли Истиқлолият инъикос гардида, мавқеъ ва роли муассисаҳои илмӣ-тадқиқотии тибби тоҷик, инчунин саҳми олимон дар инкишофи илм ва ташкили хадамоти махсусгардонидашудаи тибби кишвар таҷассуми худро ёфтанд.

Ин яке аз хизматҳои Ғ.Қ.Мироҷов буд, ки соли аввали президенти АИТ ВТ ҶТ буданаш ба сомон расонид.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## КАТИБАИ РӮЗ

*Рӯзи нав меояд.*

*Пирони деҳ ҳануз пеши масҷиди калон аз офтоби баҳорӣ гармӣ мегиранд. Онҳо чандин маротиб чунин рӯзҳои бешумореро дидаанд. Барои онҳо ин рӯз мавзӯи суҳбаташонро дигар намекунад. Онҳо бо суханҳои нав низ дилфиреб намешаванд, бо гапҳои кӯҳна ҳам.*

*Мегӯянд, ки Зиндагӣ аллакай тамоми печдарпечиро барои онҳо фаҳмонидааст. Чархи гардун замоне онҳоро тифл, замоне ҷавон нигоҳ дошт. Имрӯз бошад пирӣ-давлати пирӣ роҳбаладашон аст.*

*Зиндагӣ аҷаб қонунҳое дорад. Шукри он.*

## МАКТАБИ АКАДЕМИК МАНСУРОВ

Ибтидои солҳои шастуми асри гузашта бо ташаббуси академик Ҳомид Ҳусенович Мансуров дар назди пажӯҳишгоҳи бемориҳои минтақавӣ Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии гастроэнтерологӣ таъсис ёфт. Дар ин вақт академики Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳомид Ҳусенович Мансуров дар миқёси мамлакати шӯравӣ ва ҷаҳон ҳамчун олими забардасти соҳаи гастроэнтереология маъруф гашта, худи ӯ аллакай даҳҳо шогирдонро дар соҳаҳои мухталифи илми тиб ба камол расонда буд. Шогирди чунин як олими машҳур шудан аз як тараф агар боиси ифтихор ва сарбаландӣ бошад, аз ҷониби дигар ба зиммаи шогирд вазифаи масъул ва сангини ба илм ба таври ҷиддӣ ворид шудану аз қаъри он дурдонаҳои мақсуд ба

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

даст оварданро дошт. Академик Мансуров аз ҷониби худ шахсонеро шогирд мегирифт, ки ба ақидааш дар илм устувор бошанд ва барои пешрафти он минбаъд саҳми сазовор гузошта тавонанд. «Олими соҳаи тиб дар Тоҷикистон, кишваре, ки ба оламиён Бӯалии Синоро додааст, бояд ба анъанаҳои аҷдодии тиббӣ устувор бошад ва номи бузургони миллаташро сазовор гардад», – таълим медод академик Мансуров ба шогирдонаш. Сахтгирии ӯ нисбат ба шогирдон маҳз аз ҳамин сарчашма об мехӯрд ва шогирдон медонистанд, ки дар зери дасти ин олими маъруфи тиб кор кардану тадқиқоти илмӣ иҷро намудан кори саҳл нест.

Мансуров аз байни ҷавонон махсусан шахсонеро ба илм ҷалб менамуд, ки ҷавҳари илмӣ, сабуру пуртоқат ва мушкилписанд буда, омода бошанд, ки тамоми ҳаёташонро бебозгашт ба он бахшанд. Ҳатто ба донишҷӯёни донишкадаи тиббӣ такрор ба такрор «илми тиб мушкил аст ва агар дар дилатон шубҳае дошта бошед ҳанӯз, ки дер нашудааст касби дигареро интихоб кунед, шояд дар соҳаи нав шумо комёб шавед ва ба ҷомеа нафъи бештаре расонда тавонед» гуфтанро дӯст медошт. Худи олим ба ана ҳамин принсипи ҳаёташ як умр содиқ монда, дар айёми сарвари пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии гастроэнтереологӣ буданаш ба илм танҳо шахсони лаёқатманду боистеъдодро ҷалб менамуд.

Тақдир Ғиёсиддин Мироҷовро бо академик Ҳамид Мансуров рӯ ба рӯ намуд. Олими маъруф дар симои ин ҷавони деҳотӣ маҳз ҳамон шахсияти содиқи илм ва донишмандро дид. Аз ҳамин хотир ҳанӯз дар замони донишҷӯи донишкадаи тиббӣ буданаш ӯро ба пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологӣ ба кор даъват намуд.

Ана, дар ҳамин айёми ба кор даъват шудани Ғиёсиддин,

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

яъне охирҳои солҳои шастуми асри гузашта, дар натиҷаи мушкилоти зиёди иҷтимоӣ, ки дар солҳои баъдиҷангӣ хоҷагии халқи мамлакат рӯ ба рӯ шуда буд, дар Тоҷикистон бемории зардпарвин ба таври таҳдидкунанда доман паҳн кард ва ин вазъият дар назди олимони соҳа вазифаи таъхирнопазири тадқиқи усулҳои муосири муолиҷаи ин бемории вазнинро гузошт. Азбаски кори илмии Ғиёсиддин Мироҷов бевосита ба ҳамин соҳа алоқаманд буд, ӯ низ ба тадқиқи ҷигар ба таври ҷиддӣ машғул шуд. Минбаъд Ғиёсиддин ҳам таҳсил мекарду ҳам дар пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотӣ машғули кор шуд.

Танҳо дар вақти кор дар пажӯҳишгоҳ Ғиёсиддин донист, ки адабиёти илмии ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дастрасшаванда барои фаро гирифтани тамоми навигариҳои илми муосир кифоя нест. Дар миқёси олам бошад илм рӯз то рӯз ба пеш қадамҳои бузург гузошта, як рӯзи дермонӣ аз навигариҳои илми муосир маънои солҳо қафо мондан аз ин ҷараёни пуртуғёнро дошт. Хушбахтона, муассисаҳои илмӣ ба қадри кофӣ адабиёти илмӣ ва маҷаллаҳои илмиро дастрас менамуданд. Аз ҷумла пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии гастроэнтерологии Тоҷикистон 20 номгӯи маҷаллаҳои илмиро дастрас менамуд, ки аксари онҳо ба забони англисӣ интишор мешуданд ва дар онҳо навтарин ахбор дар бораи илм, кашфиёти илмӣ чоп мешуд. Барои мутолиа ва аз онҳо нафъ бардоштан забони англисиро донистан зарур меомад. Аз ин рӯ Ғиёсиддин дар назди худ вазифа гузошт, ки забони англисиро низ ба таври мукаммал омӯзад ва азхуд кунад. Барои расидан ба ин мақсад акнун на танҳо вақт, инчунин маблағ ҳам зарур буд. Маоши Ғиёсиддин барои таъмини маишат албатта кифоя буд, вале барои омӯзиши забони англисӣ кифоя набуд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Як вазифаи кории Ғиёсиддин дар пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии гастроэнтерологӣ аз фурӯдгоҳ то пажӯҳишгоҳ овардани маводи радиологӣ буд. Азбаски ӯ маблағи маошашро қариб пурра барои пардохти омӯзиши забони англисӣ сарф менамуд, баъзан маводи мазкурро то коргоҳ сари вақт расонда наметавонист. Ана, ҳамин айби Ғиёсиддин боиси аз болояш ба академик Мансуров шикоят кардани баъзе аз ҳамкоронаш шуд. Баъзе аз ҳамкорони «ғамхор»-аш ба хотири дар назди академик Мансуров кушодани чеҳраи воқеии шогирди ҷавонаш ана ҳамин мисоли аз фурӯдгоҳ баъзан дер овардани маводи радиологиро бо рангу оби тоза ҳикоя карданд.

Академик Мансуров, албатта, аз қабили он одамоне набуд, ки шикоят аз болои шогирдашро насанҷида ба ӯ ҷазо диҳад. Ба ҳамин хотир дар рӯи Ғиёсиддин чизе нагуфт, вале дар дил нақшаи худро дошт.

Соли таҳсил анҷом меёфт. Дар пеш имтиҳонҳои давлатии хатмкунӣ. Мансуров ҳарчанд ба Ғиёсиддин дар бораи интизоми кор гуфтугӯ накарда бошад ҳам, аммо ният дошт ӯро дар имтиҳон санҷад, бори дигар ба собитқадамии ӯ дилпур шавад. Ғиёсиддин бошад ба ҳамаи саволҳои устод пурра ва дилпурона ҷавоб дода, боввариашро сазовор гашт.

– Баъди имтиҳонҳо ба наздам даро, ба ту гап дорам, Ғиёсиддин, – имтиҳонро хулоса намуд академик Мансуров.

Баъди хатми донишкадаи тиббӣ ӯ ҳамагӣ як соли дигар дар шаҳри Душанбе ба ҳайси лаборанти пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии гастроэнтерологӣ кор кард. Ба қавле, донишҳои дар институт омӯхтаашро бори дигар дар амал санҷид. Вале академик Мансуров ӯро ором нагузошт.

– Худи ҳамин сол бояд ба аспирантураи Донишкадаи

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

тиббии рақами якуми шаҳри Москва ба номи Сеченов дохил шуда, таҳсилатро идома диҳӣ, – дар яке аз маҷлисҳои шӯрои илмии пажӯҳишгоҳ гуфт академик Мансуров.

Айнан худи ҳамон сол, яъне соли 1968 Ғиёсиддин Мироҷов аспиранти Донишкадаи тиббии рақами якуми шаҳри Москва ба номи И.М. Сеченов шуд.

Сабақи гирифтааш дар назди академик Мансуров барабас набудааст. Акнун дар мактаби нави тиббӣ ӯ азият намекашид, баръакс, корҳояш ба осонӣ пеш мерафт. Дар пайи расидан ба қуллаи мурод ӯ пайваста ба омӯхтан машғул буд. Ана ҳамин тавр се соли таҳсил дар аспирантура дар шаҳри Москва ноаён паси сар шуд. Рисолаи номзадиаш ҳам дар мавзӯи «Таъсири бемориҳои дил ба шушҳо» таҳти роҳбарии академики Академияи Илмҳои Тиббии Иттиҳоди Шӯравӣ Виктор Серов омода шуд. Акнун интизор буд, ки рӯзи ҳимояи рисолаи номзадиашро кай муқаррар мекунанд.

… Чун имрӯз кори яксолаи академик Ғ.Қ.Мироҷов ба сифати Президенти АИТ ВТ ҶТ ва директории Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологӣ пеши назар меояд, навгониҳои зиёде рӯи коғаз меоянд.

Дар ҳамин давра корҳои ташкилии Академияи илмҳои тибби назди ВТ ҶТ-ро роҳбарӣ намуда, корҳои илмию тадқиқотии Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияро давом дод. Аз рӯи проблемаҳои бемориҳои музмини вирусӣ ва алкоголии ҷигар, алгоритми ташхиси сироятии вирусҳои В ва С коркард ва пешниҳод шуд.

Аҳамияти нақши баъзе вирусҳоро дар пайдоиши гепатитҳои музмин ва сиррози ҷигар бо сабабҳои омехта (HBV+HCV+HDV) амиқ карда шуд. Шаклҳои муоличаи

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

зиддивируси вобаста ба ҳолати вирусӣ, биохимияи ҷигар ва клиникии бемориии музмини вирусӣ муайян шуд.

Нақши асидҳои носери чарбӣ ва асидҳои дуюмдараҷаи талхагӣ дар пайдоиши бемории чарбзеркунии ғайриалкоголии ҷигар муайян карда шуд.

Омӯзиши аҳамияти инсулинрезистентӣ дар инкишофи бемории стеатози ғайриалкоголӣ давом дорад.

Бояд қайд кард, ки дар пайдоиши гастрити музмини атрофии бо метаплазия, полипҳо ва саратони меъда нақши штаммҳои заҳровари (Cag A) H.pylori калон мебошад. Баъди таъини муолиҷа дар ин штаммҳо устуворӣ ба антибиотикҳо бештар мушоҳида карда мешавад.

Соҳиби чандин патентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

Зиёда аз 300 мақола дар маҷаллаҳои бонуфузи илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия чоп гардид.

Стандартҳои ташхис ва табобати бемориҳои гастроэнтерологӣ бо забони давлатӣ ба нашр расид.

Дар кори 17 – Ҳафтаи гастроэнтерологҳои Россия ба сифати раиси сексия интихоб шуд ва маърӯзаҳои илмӣ намуд.

Дар кори симпозиуми сегонаи байналхалқи (Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон) аз рӯи проблемаҳои «Бемориҳои сироятӣ» дар мавзӯи «Муолиҷаи муосири бемориҳои гепатити музмини вирусии С» ва дар анҷумани VI-уми саратоншиносони ДММ фаъолона иштирок намуд.

Бо таклифи яке аз намоёнтарин олимони соҳаи гастроэнтерологияи ҷаҳон, декани факултаи тиббии Донишгоҳи Фрайбурги Олмон, профессор Блюм аз 29 ноябр то 3 декабри соли 2010 бо Маркази гастроэнтерологияи ин донишгоҳ шинос шуда, бо олимони он вохӯрӣ намуд.

Ба кори илмии чандин аспирант роҳбарӣ дорад. Ба ҳайси муовини сармуҳаррир дар маҷалаҳои «Проблемаҳои

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

гастроэнтерология» ва «Ахбороти АИ ҶТ» фаъолияти худро давом дод.

Ин барои як марде, ки буду набуди худро ба инкишофи илми тиб бахшидааст, ҳануз қатрае аз баҳр ба ҳисоб меравад…

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## КАТИБАИ РӮЗ

*Рӯзи нав меояд.*

*Барои ошиқон. Бӯю тароввати рӯзи нав онҳоро маст кардааст. Орзӯи ошиқ басо беҳудуд аст. Худ сӯи дилбар майл дораду орзуяш аллакай дар канори ӯст. Худ дар поён асту орзуяш дар сари шахи баланд.*

*Мегӯянд, ки маззаи нахустин бӯсаи ошиқӣ тамоми умр бо инсон мемонад.*

## ФАТҲИ ЗИННАИ АВВАЛИ ИЛМ

Ҳимояи рисолаи номзадии Ғиёсиддин Мироҷов дар шаҳри Москва ба рӯзҳое рост омад, ки адибони шӯравӣ дар шаҳри Москва ҷашни 60-солагии адиби маъруфи тоҷик, раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон устод Мирзо Турсунзодаро таҷлил мекарданд. Ҳамон солҳо тибқи анъана олимон баъди ҳимояи рисолаи номзадӣ мебоист барои дӯстону наздикон маърака меоростанд. Олимони москвагӣ аз воқеаи муҳими ҳаёти фарҳангии пойтахт, ҷашни 60-солагии устод Мирзо Турсунзода бохабар шуда маслиҳат доданд, ки устод ва Боқӣ Раҳимзодаро, ки ӯ низ барои ҷашни устод дар шаҳри Москва ҳузур дошт, ба маъракаи Ғиёсиддин даъват намоянд.

– Ба ҳамин восита мо ҳам бо устод Турсунзода шинос мешавем, – ба хулоса омаданд олимон – дӯстони москвагии Ғиёсиддин.

Ғиёсиддин ҳам аз ин таклиф рӯҳу илҳом гирифта роҳи намояндагии доимии Тоҷикистон дар шаҳри Москваро пеш гирифт. Дар он ҷо суроғаи макони истиқомати адибо-

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ни машҳурро дастрас намуда ба ҳузурашон шитофт. Устодон Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода Ғиёсиддинро ба муносибати дастоварди намоёни илмиаш табрик намуда, ваъда доданд, ки албатта ба маъракааш меоянд. Устод Боқӣ Раҳимзода аз муваффақияти Ғиёсиддин бештар шодӣ мекард. Зеро ӯ бо падари Ғиёсиддин акаи Мироҷ ошнои дерина буд ва муваффақияти фарзанди дӯсташро муваффақияти худ медонист.

Вобаста ба боғ қиссаҳои аҷоибе низ ҷой доранд. Баъди сабзидани дарахтони боғ акаи Мироҷ рӯзе паси овардани ниҳолҳои нав роҳ ҷониби ноҳияи Шаҳринав пеш гирифт. Дар гардиши Шаҳринав Қаратоғ мошини онҳо вайрон шуд. Ронанда ба таъмир сар карду падар болои санги калоне баромада нишаст. Дар ҳамин ҳолат дар роҳ мошинаи Волга Газ-21 пайдо шуду наздашон омада истод. Аз дохили мошин бошад шоирони бузурги миллат Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода баромаданд. Азбаски Боқӣ Раҳимзода падарро хуб мешинохт ва борҳо бо ӯ ҳамсуҳбат буданд, дар ин мавзеъ ва дар ин ҳолат ӯро дида ба тааҷҷуб меояд.

Чун вазъи ҳолро мефаҳманд, падарро маҷбур мекунанд ба мошини онҳо нишинад ва роҳ ҷониби Қаратоғ пеш мегиранд. Як шаб бо ҳамроҳии Боқӣ Раҳимзода дар меҳмонии шоир Мирзо қарор мегирад...

Пагоҳӣ падар суҳар аз хоб хеста, мехоҳад роҳ сӯи мошини вайроншуда пеш гирад. Вале Мирзо Турсунзода садди роҳ мегардад ва мегӯяд, ки то субҳона накунад, иҷозаи сафарро намегирад. Баъди ношто падарро сари роҳи калон баровarда мегӯянд, ки тезтар ба Данғара рафта расед, ки мошини пури ниҳол интизори туст.

Баъдтар фаҳмид, ки бо кӯмаки шоири миллат Мирзо Турсунзода мошин шабона аз таъмир баромада бо ниҳол

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

пур шуда ба роҳ баромадааст. Акаи Мироҷ дигар чизе гуфта натавонист...

– Меваашро ҳам медида бошем, – ҳазл намуда буд устод Раҳимзода.

– Боғ, ки ба воя расид меваи аввалашро ба шумо меорам, – гуфта буд акаи Мироҷ. Дар воқеъ боғи акаи Мироҷ сарсабзу хуррам шуду устодон аз меваҳои он баҳра бурданд. Ҳамон боғ то кунун мавҷуд аст ва одамони калонсоли деҳаи Лоҳур онро боғи акаи Мироҷ ном мебаранд.

Ана ҳамон воқеайи чандин солҳо пеш ба амал омадаро устод Боқӣ Раҳимзода ба хотир оварда, ҳамроҳи устод Турсунзода бо завқ хандида буданд.

Маъракаи таҷлили рисолаи номзадии Ғиёсиддин бо ҳузури устод Боқӣ Раҳимзода ва дигар санъаткорони тоҷик басо хотирмон гузашт. Олимони москвагӣ аз он розӣ шуданд. Бештар аз ҳама, албатта Ғиёсиддин хурсандӣ мекард. Охир дар ин шаҳри бузургу дур аз ватан ба маъракаи хосаи худ даъват намудани устодони бузурги адабиёт ва аҳли ҳунар кори саҳл набуд. Дар маъракаи ӯ бошад ҳамватанони машҳураш бо хоҳиши дили худашон ҳузур доштанд ва муваффақияти ӯро муваффақияти худ медонистанд.

Ғиёсиддин баъди ҳимояи рисолаи номзадӣ дар шаҳри Москва бисёр намонда, охири соли 1971 ба Душанбе баргашт ва дар пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии гастроэнтерологӣ ба иҷрои вазифаҳояш шурӯъ намуд. Акнун ӯ дар вазифаи ходими калони илмӣ ифои вазифа мекард ва ба ин вазифа ӯро худи академик Ҳ. Ҳ. Мансуров таъин намуда буд. Ба вазифаи ходими калони илмӣ таъин шудани Ғиёсиддин маънои ба боварии олими маъруфи тиб сазовор шудан, эътирофи донишу заковат ва ҳунари олими

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ҷавонро дошт, ки ба ҳар кас чунин сарбаландӣ насиб намегашт. Аз байн як сол нагузашта Ғиёсиддин бо пешниҳоди академик Мансуров ҷонишини директори пажӯҳишгоҳ оид ба илм таъин гашт.

... Мегӯянд, ки оина тарафи дигаре ҳам дорад, ки акси инсонро танҳо дар замири худи инсон нишон медиҳад. Назари ӯ ба ҳамин оина афтид. Акнун дар акс Ғиёсиддини ҷавон не, марде намудор буд, ки нигоҳи дигар дошт ва мӯйҳои кам шудааш сафед буданд. Марде менигарист, ки зиндагӣ ба ӯ сабақҳои зиёде додаву пайроҳаи сафарашро бо пастию баландии зиёд пур намуда. Ҳама замон ӯ дар ин пайроҳа талош дошт, талоши корҳои нокарда…

Гоҳо ӯро хумори кӯдакӣ мегирад. Хонаи похсагини деҳаву гирди дастурхони камнони солҳои баъдиҷангӣ ва чеҳраи кушодаи модар ба ёд меояд. Бо ҳама буду набудаш беҳтарин лаҳзаҳои зиндагӣ буданд. Лаҳзаҳое буданд, ки ӯ ғами дигар надошт.

Баъдтар имтиҳони Зиндагӣ сар шуд…

Имрӯз дили Ғиёсиддинро дигар чиз мехарошад. Нотавонбинии тоифае аз одамон. Давоми умр баробари фаъолияти кориву олимӣ онҳо доимо паҳлуяш буданд, сари ҳар қадам, сари ҳар роҳ.

Мегӯянд, ки бадтарин инсон ҳамонест, ки аз пас сухан мегӯяд. Ин тоифаеро мемонанд, ки аз дасташон ҳама кор меояд ва ҳама ҷо қудрати сухан гуфтан ҳам доранд. Ва аҷибаш ҳамин аст, ки онҳо худро ба ҳама давру замон мутобиқ мекунанд. Барои онҳо иборaҳои Ватану Беватанӣ, Мардиву Номардӣ, Номусу Беномусӣ ва Ростиву Дурӯғ як аст. Тинати онҳо сиёҳ аст. Замири онҳо гӯё барои ҳамин кор офарида шудааст. Сиёҳ кардани нафаре. Ё шояд дар зиндагӣ ҳаминҳо ҳам даркор бошанд?

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ғиёсиддинро борҳо ҳамин тоифа сиёҳ намуданд, борҳо тарафаш санг андохтанд, борҳо хостанд, ки сари ӯро пеши худ паст бинанд. Ӯ дар зиндагӣ пайхас кард, ки аз дасти онҳо ҳама кор меояд. Ягона чора ин ҳарчи аз онҳо дуртар будан аст. Коре бояд, кард, ки дар байн андозае вуҷуд дошта бошад.

Аммо шахсоне буданд, ки ба илму одамгарии Ғиёсиддин Мироҷов боварии калон доштанд ва ӯро доимо дастгирӣ менамуданд. Яке аз онҳо собиқ Президенти АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон академик У.М. Мирсаидов ҳастанд, ки эшон Ғиёсиддин Мироҷовро ба ҳайси директори Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи кишвар таклиф намуда, ба мансаби котиб-академики шӯбаи биология ва тиб пешниҳод намуд.

Чунин муносибати дӯстона ба академик Ғ.Қ.Мироҷов, ноиб-президенти АИ Ҷумҳурии Точикистон, яке аз олимони машҳур, академик Х.Х.Каримов ҳам доштанд. Ӯ доимо дар ҳолатҳои ногувор ба Ғ.Қ.Мироҷов бо ақлу заковат, инсондӯстӣ, ростгӯию росткорӣ ва ростқавлии худ дасти ёрӣ дароз менамуданд.

Гоҳо ӯ аз ин ҳама хаста мешавад, хастаи зиндагӣ, Меҳоҳад лаҳзае аз ин ҳама дур бошад, аз кор, аз олимӣ, аз роҳбарӣ…

Боре Расули Ғамзат, шоири доғистонӣ аз пеши заноне, ки дар сари замин нишаста дам мегирифтанд, мегузашт. Овози яке аз онҳо ба гушаш расид.

– Кайф, кайфи Расул аст. Ӯ боре ба дасташ каланд нагирифта, боре ба по муза напушида, кафи дастони сафедаш боре ҳам обиларо надидаанд. Тарам-ла-лам карда мегардад. Кори ӯ ҳамин аст.

Ғиёсиддин ин лаҳзаро ба худ муқоиса мекунад. Доимо хилъати сафед дар бар дорад, дар утоқҳои барҳаво кор мекунад, пешаш нафарони зиёди корафтода меоянд… Вале

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

дардаш дигар аст. Дардест, ки шабу рӯз ӯро азоб медиҳад. Ин дард дарди илм аст.

Гоҳо ӯ мехоҳад аз ҳама чиз орӣ бошаду паҳлуи ҳамон занон сари замин нишинад, лаҳзае нафаси осуда кашад. Лаҳзае дунёро орӣ аз ҳама гуна тинати нопокон бинад...

Боре ҷавонзани 28-30 солаеро пешаш оварданд. Ранги рӯяш парида, хеле лоғар гашта буд. Ӯ худ роҳ гашта наметавонист, шавҳару бародараш борбардораш буданд. Чун ба дафтари бемориҳои ин ҷавонзан нигарист, асари калони дуҷилдаеро мемонд. Аз навиштаҳо маълум шуд, ки ӯ тамоми дармонгоҳҳои ноҳиявию шаҳрӣ ва ҷумҳуриро гаштааст. Ва духтурон қариб тамоми бемориҳоро дар ин зан маълум намудаанд. Аз бемории гурда сар карда то саратони … Хуллас, бадани ин ҷавонзан дорухонаеро мемонд, ки ҳамаи элементҳои даврии Менделеев дар он ҷой доштанд.

Ғиёсиддин бори дигар фармуд, ки зан аз муоинаи пурра гузарад.

Чун Ғиёсиддин ба натиҷаи ташхис шинос шуд, фишори хунаш баланд баромад. Аз қаҳру ғазаб чи кор карданашро намедонист.

Дафтари дуҷилдаи бемориҳои ҷавонзанро ба кунҷе партофт ва ба бемору ҳамроҳонаш рӯ овард:

– Ин дигар ба шумо даркор намешавад. Шумо бемор нестед, ваҳму тарс ва нофаҳмии баъзе табибон шуморо бемор кардааст. Баъзе доруҳои то ин дам истеъмолкарда дар баданатон заҳр шудааст. Аз ҳамин рӯз сар карда дигар тамоман дору истеъмол накунед, бидуни оби минералӣ…

Баъди як моҳ ҳамон зан худ даромада омад. Паҳлуяш низ борбардоронаш набуданд, ранги рӯяш шукуфта буд…

Имрӯз ӯ фикри ҳаминро дорад, ба тани беморе шифо бахшидан. Боқӣ ҳама ҷои худро меёбад. Ва хуб медонад, ки табибӣ ва олимии ӯ барои мардумаш даркор аст. Як нигоҳи солими бемор як ҷаҳон маънӣ дорад…

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Вале барои онҳое, ки бемории ҷоҳу талош, вазифаю нотавонбинӣ доранд, танҳо як каф хок даво мешаваду халос. Илми тиб то ба ҳол барои онҳо доруе набаровардааст ва барои табобаташон низ қудрат надорад…

Ва инашро ҳам медонад, ки бо ин тоифа баҳс кардан фоидае надорад. Онҳо ҳарчанд кӯшиш кунанд, ҳарчанд соҳиби вазифаю ҷоҳу ҷалол, қасрҳои муҳташаму мошинҳои хориҷӣ гарданд, вале аз Ғиёсиддин як чизро гирифта наметавонанд. Ин илму олимии ӯст. Барои ин кор на таға ва ягон соҳибвазифаи болоӣ қудрат надорад.

Ва оина имрӯз пеши ин мард бори дигар ҳамин сифатҳоро пешкаш мекунад. Тараннуми розу ниёзи як марду андешаҳо.

Ҳарчанд зиндагӣ давоми умр солҳои башумореро рӯйпуш намуд, вале ҳосили он ба миён овардани Марди бузурге гашт. Марде, ки имрӯз аз он тарафи оина нигоҳи андешамандона дораду ба мӯйҳои сараш сафедӣ афтида…

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## КАТИБАИ РӮЗ

*Рӯзи нав меояд.*

*Бе садо, бе тақ-тақи дарвоза. Дарвоза худ кушода аст.*

*Дар бораи рӯзи наву соли нав басо суханҳо гуфтаанд, басо достонҳо сароидаанд. Вале то ҳол сухани асосӣ носуруда, маънии аслӣ ногуфта аст.*

*Мегӯянд, ки ин сабаби худро дорад, зеро ҳар рӯзи нав ибтидову интиҳои зиндагии Одамизод аст.*

## ОЛИМИ МАЪРУФ

Кор дар пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии гастроэнтерологии Академияи Илмҳои ҷумҳурӣ ба зиммаи олими ҷавон масъулияти калон дошт. Зеро дар ин бемористон олимон ҳам ба тадқиқот ва ҳам ба муолиҷаи беморон машғул буданд. Чунин усули кор ба духтуроне, ки ба масъалаҳои илмӣ сару кор доштанд, барои эҷодкорӣ майдони васеъ фароҳам месохт.

Бо амри иҷрои вазифа академик Мансуров ҳамчун як нафар олими намоёни соҳаи гастроэнтерология қариб ба аксари конфронс ва симпозиумҳои илмии собиқ шӯравӣ ва хориҷ аз он даъват мешуд. Табиист, ки ӯ ба ҳамаи ин нишастҳои олимони олами муосир вобаста ба мавзӯи он олимони ҷавони тоҷик – шогирдонашро бо худ мегирифт. Ба Ғиёсиддин ҳам дар чандин чунин сафарҳои илмӣ ҳамсафар шудан бо академик Мансуров насиб гаштааст. Ва ҳамаи он сафарҳо ва баҳсҳои илмӣ бенатиҷа намондаанд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аксар вақт дар баҳсҳои олимони гастроэнтерологи рус ӯ мешунид, ки сабаби иллат пайдо кардани ҷигарро дар алкогол намедиданд. Аммо олимони тоҷик Мансуров ва Мироҷов ин масъалаи мушкили илмиро омӯхта ва исбот намуданд, ки таъсири машруботи алкоголӣ ба ҷигар оқибатҳои вазнин дорад. Ин мавзӯъи рисолаи доктории Ғиёсиддин Мироҷов гашт, ки таҳти роҳбарии академик Мансуров дар мавзӯи «Муқоисаи ҷараёни иллатнокии ҷигар дар зери таъсири машруботи спиртӣ ва вирусҳо» дар натиҷаи тадқиқотҳои солҳо иҷрошуда, ниҳоят ҳимоя гардид. Хулосаи асосии рисолаи доктории Ғиёсиддин Мироҷов аз он иборат аст, ки ба ҷигар вирус ва машруботи алкоголӣ таъсири гуногун мерасонанд.

Моҳиятан аз олим талаб карда мешуд, ки дар рисолаи докториаш якчанд масъалаи то ҳол баҳсноки илмиро исбот намояд. Ва олими тоҷик муайян намуд, ки пеш аз ҳама алкогол миқдори чарбро дар ҷигар зиёд менамояд, ки дар натиҷа дар зери таъсири он мuриши батадриҷи ҳуҷайраҳои ҷигар шурӯъ шуда, илтиҳоби шадид ё газаки бардавоми онро ба вуҷуд меорад. Ҳадди охирини таъсири алкогол ба ҷигар сиррози ҷигар ё саратони ҷигар мебошад.

Устоду шогирд Мансуров ва Мироҷов ин хулосаҳояшонро дар мақолаи якҷояаашон дар саҳифаҳои маҷаллаҳои илмии «Клиническая медицина» ва «Терапевтический архив» ба ҳукми олимони олам гузоштанд. Дар мақолаи мазкур олимони тоҷик аломатҳои нави клиникию биохимиявӣ ва морфологии таъсири алкогол ва вирусро муайян намуданд, ки ҳануз дар илми гепатология маълум набуд.

Мавзӯи дигаре, ки Ғиёсиддин Мироҷов дар тадқиқи он фаъолият кард, муайян кардани аломатҳои асосии клиникию морфологии гепатити давомноки вируси В мебошад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар ин мавзӯъ зери таҳрири олими машҳури тибби шӯравӣ Анатолий Фёдорович Блюгер дар шаҳри Рига рисолаи илмие таҳти сарлавҳаи «Муваффақиятҳои гепатология» аллакай интишор шуда буд. Тадқиқи ин мавзӯъ дар пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии гастроэнтерологии Тоҷикистон ҳам аз ҷониби Мироҷов босуръат идома дошт. Ҳар яке аз мактабҳои илмӣ ин вирусро бо усули махсуси худ тадқиқ менамуд. Аз ҷумла олимони тоҷик бо роҳи махсуси эҷодкардаи худ аз ҷигари бемор намуна гирифта, дар он ҳолати вирусро муоина менамуданд. Бо нӯги сӯзан порачаи маҳини ҷигарро гирифта онро бо усули гистологӣ, биохимиявӣ ва генетикӣ омӯхт.

Аммо барои ташхиси иллати ҷигар амалиёти мазкур ҳанӯз кифоя набуд. Шиддати илтиҳоб, маҳвшавии ҳуҷайраҳо, сабзиши ҳуҷайраҳои нав, миқдори бофтаи пайвандӣ ва сохти умумии ҷигарро муқаррар кардан зарур меомад. Яъне бо роҳи муқоисаи узв, ҳолати узв ва вазифаҳои он, ки бо тағйирёбии таркиби хун муайян мегардад, дардмандии онро муайян кардан зарур буд. Масалан, илтиҳоби ҳуҷайраҳои ҷигар ва бофтаи пайвандии байни онҳо бо вайрон гардидани сифати сафеда, таркиби хун, афзудани миқдори билирубин, ки ранги узв аз он вобаста аст ва ғайраҳо зуҳур мегардад. Ин дигаргуниҳо аз шиддати илтиҳоби ҳуҷайраҳои ҷигар ахбор дода метавонанд.

Моҳи марти соли 1981 Шӯрои диссертатсионии Пажӯҳишгоҳи якуми тиббии шаҳри Москва рисолаи доктории Ғиёсиддин Мироҷовро, ки ҳамагӣ 35 сола буд, таҳти роҳбарии академикҳо Ҳомид Мансуров ва Виктор Серов пазируфт. Олимони москвагӣ ба бозёфтҳои илмии олимони тоҷик баҳои пурарзишро муносиб донистанд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Мо ҳалқаем, ҳалқаи пайваст. Думболи якдигар, чун қатора. Равонему равон, то ба ҷое …

Имрӯз хуб аст ё бад Ғиёсиддин умри пурбаракати худро сарфи илм намуд. Ин роҳест басо пурпечутоб ва мушкил. Шабҳои бедорхобӣ дар ҳаёти ӯ хеле зиёд буданд. Касби духтурӣ ҳаминро талаб мекунад, олими ин касб будан бошад машаққати дучанд дорад. Бешак онҳое, ки дар ин роҳ рафтаанд, ҳамаи инро хуб медонанд. Замоне бо тақдири инсон ҳамтақдир будан кори осон нест. Ҳангоми муқаррар намудани табобату беҳ намудани ҳолати бемор духтур гӯё худ бемор мешаваду шифо меёбад. Дар ҳаёти Ғиёсиддин ин ҳолатҳо басо зиёд буданд…

Ҷигар дар бадани инсон нозуктарин узв ба шумор меравад, ки тамоми ҳастии инсон ба фаъолияти хуби он вобаста аст. Нашавад, ки дар ташхиси бемории он табиб ба хатогии андаке роҳ диҳад?

Буданд ҳолатҳое ҳам, ки ӯ пеши бемору беморие оҷиз мемонд, аллакай дард аз дард гузашта буд ва дигар дорую дармоне ба ӯ манфиате надошт. Бемории ҷигар бемории нозук аст, одамизод худ намефаҳмад, ки ҷигараш тамом шудааст. Ин дардест, ки дард надорад. Ва ҳамин аст, ки танҳо дар рӯзҳои охир пайи духтур медаванду илоҷи беморӣ меҷӯянд. Вале …

Чанд сол пештар пешӣ ӯ аз ноҳияи Н. ҷавонеро оварданд. Ҳамагӣ 38 сол дошт. Баъди муоина маълум шуд, ки дигар табобат барояш фоидае надорад. Ҷигараш аллакай тамом шудааст…

Ҳамон шаб Ғиёсиддинро хоб набурд, то ба суҳар бемор пеши рӯи ӯ буд.

Ҳамин ҳолатҳо Ғиёсиддин гоҳо маъюс мешуд, гӯё аз касби пеша карда норизо мегардид. Азоби дарунӣ дилашро мефишурд, наход, ки …

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ӯ борҳо ба худ ин саволро дода ва андеша намуда, ки чаро маҳз ӯ дар соҳаи илм таҳқиқоти ҷигарро мавриди омӯзиш қарор дод ва баъдтар тамоми фаъолияти илмии худро ба он бахшид.

Дар кишвар то ба имрӯз табибон зиёданд, ки ҷилд-ҷилд асарҳо доранд ва роҷеъ ба ин ё он соҳаи илм ранҷ кашидаанд, вале дар соҳаи ҷигар бошад шумори онҳо ангуштшумор аст. Имрӯз низ дар кишвар пайи бемориҳои ҷигар табибон кам ба назар мерасанд, онҳо аз он худро каме дур мегиранд…

… Вале ӯ дигар буд ва роҳи пешгирифтааш кушоиши асрорест, ки чаро то ба имрӯз кам нафарон ба он даст задаанд. Пайваста аз худ талаб кардан, омӯзиши шабонарӯзӣ, сафарҳои пай дар пай ба мамолики дуру наздик, вохӯрӣ бо олимони бузургу сари як нукта раду бадал намудан бо онҳо, навиштани маводҳои илмӣ самараи худро доданд. Ӯ нишон дода тавонист, ки олими тоҷик низ дар ин соҳа бартарии худро дорад ва метавонад дар байни дигарон бо кори кардаи худ мақому мартабае соҳиб гардад. Он чанд намуди бемории ҷигар, ки пештар табибони кишвар дар табобати он оҷизӣ мекашиданд, аллакай роҳҳои табобатӣ пайдо кардаанд. Ҳамин аст, ки Ғиёсиддин пайваста пеш рафт ва баробари ӯ илми тибби тоҷик низ то ба ҷое расид.

Гуфтаи хуби халқӣ ҷой дорад, ки аввал ба об надаро, чун даромадӣ аз тар шудани поча андеша макун. Ғиёсиддин инро хуб медонад ва медонад, ки дар илм ҳам танҳо шиновари бузург қудрати бозистоданро дорад. Набошад чун хаси рӯи об ба соҳил партофта мешавад ва ё гирдоб ӯро ба коми худ мекашад.

То ба имрӯз нафарони зиёдеро дидааст, ки даъвои бузургиро доштанд ва гӯё илми тиб барояшон на мушкилот ва на маҳдудияте дорад. Вале баъдтар овози онҳо паст шуд ва имрӯз қисми зиёдашон танҳо дар бемористоне ба ҳайси

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

табиб фаъолият доранду халос. Гоҳо ӯ бо нафаре аз онҳо вомехӯрад, ҳолу аҳвол мепурсад, кори илмиашро ҷӯё мешавад.

– Боре нафаре аз онҳо гуфт:

– Ғиёсиддин роҳи ту дигар аст, на ҳама қуввату қудрати бо илм баҳс карданро доранд. Он роҳе ки ту интихоб намудӣ, ин аз бузургии ту вобаста аст.

Ғиёсиддин инро ҳам медонад, ки кори илмӣ бояд дар амал истифодаи худро ёбад. Набошад, арусеро мемонад, ки шаби тӯи арусиаш меҳмонони зиёд атрофи ҳусни зебояш таърифҳои зиёде намуданду пагоҳӣ домод аз паҳлуи ӯ гурехта рафт. Имрӯз ӯ аз он хурсанд аст, ки чандин кори илмиаш на танҳо дар кишвар, балки дар мамолики дигар аз тарафи табибон мавриди истифода қарор гирифтааст.

Чун агар номгӯи онҳоро рӯи варақ биёрем, саҳифаҳои зиёд сиёҳ мегарданд. То ба имрӯз ӯ муаллифи зиёда аз 6 монография ва 300 мақолаи илмию тадқиқотӣ мебошад, ки аз рӯи онҳо табобати беморон амалӣ мегарданд.

Соли 1989 ӯ аъзои фахрии гастроэнтерологҳои Булғория интихоб мегардад. Соли 1999 бо фармони Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои хизматҳои шоён дар соҳаи илми тиб ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисос Ғ.Қ.Мироҷов бо унвони баланди «Арбоби илму техникаи Тоҷикистон» сарфароз гардонида шуд.Соли 2001 як сол баъди интихоб гардидан ба вазифаи директори Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологӣ раёсати АИ ҶТ аз тахассуси «гастроэнтерология» интихоботи академикиро эълон намуд. Барои интихоб гардидан Ғ.Қ.Мироҷов ниҳоят монеъаҳои зиёдеро, ки «дӯстон» ташкил намуда буданд, паси сар намуд ва соҳиби ин унвони баланди илмӣ-академики АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## КАТИБАИ РӮЗ

*Рӯзи нав меояд.*

*Босуръат, бо сонияву соатҳояш, бо нишебию фарози Зиндагӣ. Вай аз гаронии бори Зиндагӣ парвое надорад. Танҳо навигарии хешро ба мо ато карданист: Табиат зинда гашт, хез эй Одамзод!*

*Мегӯянд, ки аввалин коре ки, кӯҳистонӣ субҳгоҳон ба он даст мезанад, ин даргиронданиоташи хонадон аст. Ба умеде, ки солҳои зиёд оташи хонадон фурӯзон бошад.*

## РОҲИ РОСТ

Зиндагӣ бо ҳама зебогиҳояш боз лаҳзаҳое дорад, ки пеши мард ҳар замон боз имтиҳони ҷиддиеро мегузорад. Ин маънии онро дорад, ки одамизод то кадом дараҷа дар роҳи худ устувор аст. Пеши Ғ.Қ.Мироҷов чунин лаҳзаҳо зиёд буданд.

Аз ҳама асосӣ ин давраи ҷанги шаҳрвандӣ буд, ки ба сари мардуми тоҷик балои азимеро овард. Он рӯзҳо кишвари зебои кӯҳистон миёни хоку хун ғутида буд ва кашмакашҳои сиёсӣ қариб буд, ки як мамлакати ҷавонро аз байн барад.

Ғиёсиддин Мироҷов ҳамон рӯзҳо ҳамаи инро бо чашмони худ медид. Медид, ки тоифаи мансабталош гумроҳони зиёде пайи худ ташвиқу тарғиб менамуданд ва ҳарчи зиёдтар мехостанд ба алангаи ҷанг равған резанд.

Ғиёсиддин Мироҷов ҳамаи инро ба хубӣ мефаҳмид ва медонист, ки қисматкунии Тоҷикистон дасти душманони

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

беруна ҳам аст. Онҳо бо ин роҳ мехостанд як миллати бузургро аз байн баранд.

Ӯ дар ин рӯзҳо кори худро давом медод. Шабу рӯз пайваста пайи дармони беморон буд. Боре реҷаи кори худро дигар накард ва боре ҳам ҷойи кори худро тарк нагуфт. Ҳатто ба гуфти баъзе, ки замона нотинҷ аст, кор нарав гуш надод. Ӯ медонист, ки дар ин лаҳзаҳои ҳасос аз ҳама муҳим ин расонидани кӯмак ба беморон аст. Дар ин рӯзҳо шумораи беморон хеле афзуда буд. Махсусан ҳолати гурезаҳои аз дигар маҳалҳо омада хеле бад буд. Ва дар маҳалҳо низ мардум ҳолати ногуворе доштанд. Ғиёсиддин Мироҷов ҳамроҳи табибони дигар чандин маротиба ба навоҳии гуногуни кишвар сафар намуда, ба дардмандон шифо бахшиданд.

Махсусан аҳволи мардуми баъзе ноҳияҳои вилояти Хатлон, ки онҳо дар шароити муҳосиравӣ қарор доштанд ва муддати зиёд гандуми заҳролудшудаи гелиотропро истеъмол намуда, ба бемории гелиотропии ҷигар гирифтор шуда буданд, хеле бад буд...

Ҳамон рӯзҳо ӯ медид, ки кормандони пажӯҳишгоҳ яке паси дигаре корро тарк намуда, аз Тоҷикистон баромада мерафтанд. Норасоии табибон баръало ҳис мегардид, ҷойи дигаронро мебояд пур намуд ва бештар заҳмат кашид. Заҳмати шабонарӯзӣ.

Роҳе, ки ӯ интихоб намуда буд, ҳаминро талаб мекард.

Ғиёсиддин Мироҷов имрӯз аз он хурсанд аст, ки боре дар роҳи худ дудила нашуд ва кунҷи хомӯширо ихтиёр накард. Буданд лаҳзаҳое, ки хатари калон болои сараш меистод, буданд нафароне, ки ӯро дидан намехостанд.

Азбаски майдони «Шаҳидон» (бинои кӯҳна, воқеъ дар кӯчаи «Парвин»,12 )дар назди пажӯҳишгоҳ ҷойгир шуда

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

буд, як гурӯҳ ҳамдеҳагони Раштӣ борҳо омада ӯро таҳдид мекарданд, ки агар ба майдон рафта баромад накунӣ, туро нест мекунанд.

Ғиёсиддин Мироҷов оромона ба онҳо мефаҳмонид, ки ин ҳама митингбозию суханрониҳо ба қисматкунии мардуми шарифи тоҷик оварда мерасонад. Дар натиҷа кишваре, ки нав истиқлолият ба даст овардааст, аз байн меравад. Ин ҳама сиёсатбозиҳо ҳеҷ вақт ба фоидаи кор нест ва намешавад.

Ба мисли он, ки буданд давраҳое, ки ҳар як маҳал ба худ як созмон таъсис медод. Ин кор қариб дар тамоми минтақаҳо: Рашт, Зарафшон, Бадахшон, Суғд, Хатлон амалӣ шуда буд. Нафароне, ки каме шуҳрату шаҳомат доштанд ва дар маркази кишвар фаъолияту зиндагӣ мекарданд, ба ҳайси роҳбари ин созмон интихоб мегардиданду дигар шаҳрвандони минтақа аъзоҳои ин созмон дониста мешуданд. Ҳамаи ин дар сиёсатбозиҳои як гурӯҳи одамон инъикос меёфт, ки ба ҳар ҳол мехостанд худро ҳамчун пешво муаррифӣ намоянд. Ғ.Қ.Мироҷов таъсисёбии ин созмонҳоро комилан хато мешуморид ва ба ғайр аз ба маҳаллу минтақа қисмат намудани як кишвари хурд дигар нақшеро дар онҳо намедид.

Ҳама ин рӯзҳо бо ҳамаи буду набудаш паси сар шуданд ва мардум хуб фаҳмиданд, ки ин ҳама кори кист.

Вазъиятро Ҷаласаи XVI Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар моҳи ноябри 1992 дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, ба куллӣ дигар намуд, Арбоби барҷастаи сиёсӣ ва давлатӣ Эмомалӣ Раҳмон сарвари мамлакат интихоб шуд. Дар як муддати кутоҳ бо сарварии ин мард на танҳо сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ барқарор шуд, балки тараққиёти иқтисодиёт оғоз ёфта, барои инкишофи энерге-

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

тика, нақлиёт, саноат, хоҷагии қишлоқ, иҷтимоиёт ва асосан тандурустӣ шароити мусоидат фароҳам омад.

Дар рӯзҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар шаҳри Душанбе баъзе «дӯстон» ба ӯ маслиҳат медоданд, ки Тоҷикистонро тарк намуда ба ягон мамлакати дигар кӯч бандад. Аммо ӯ ба ин фикр тамоман розӣ набуд ва доимо қайд мекард, ки ман дар Ватани худам зиндагӣ карда истодаам. Ман фикр мекунам, ки агар ҳар як нафар дар ҷои кори худ фаъолияташро давом диҳад, ҳамон кадар тезтар дар Ватан сулҳу осоиш барқарор мегардад. Беҳуда намегӯянд, ки ростиро завол нест.

… Ҳамон рӯз аз хотираи Ғ.Қ.Мироҷов ҳеҷ гоҳ фаромуш намешавад. Соли 1998 буд. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шинос шудан бо вазъи тандурустӣ бо кормандони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бемористори Маркази саломатии Миллӣ вохӯрӣ намуд. Дар вохӯрӣ сарвари давлат бо аъзоёни коллегияи Вазорати тандурустии кишвар шинос шуд. Чун навбати академик Ғ.Қ.Мироҷов расид, (он вақт ӯ узви вобастаи АИ ҶТ ва аъзои коллегия буд) сарвари кишвар дарҳол баромади ӯро дар телевизион ба хотир овард.

– Шумо дирӯз дар телевизион дар бораи мумиё ва хосиятҳои шифоии он баромад карда будед.

– Бале.

– Баромади шумо ба ман маъқул шуд. Бо забони саҳеҳ ва оммафаҳм дар бораи мумиё маълумотҳои муфид пешкаш намудед. Имрӯз мақсади ҳамаи мо як аст, ҳар нафар дар ҷойи худ бояд барои кишвар ва мардуми он манфиате оварда тавонад. Илми тибби тоҷик низ бояд пеш равад ва

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

номбардор гардад. Албатта, душвориҳо зиёданд, вале набояд рӯҳафтода шуд.

Ғ.Қ.Мироҷов ҳамон рӯз фаҳмид, ки сарвари кишвар нисбати илми тиб назари хуби худро дорад ва ягона мақсади ӯ инкишоф ёфтани илм ва тарбия намудани кадрҳои ҷавон мебошад. Баъдтар ин гуфтаҳо дар амал исботи худро ёфтанд.

Ин нахустин сӯҳбати рӯ ба рӯи академик бо сарвари давлат буд, ки аз он қаноатмандии калон ба даст овард…

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

### КАТИБАИ РӮЗ

*Рӯзи нав меояд.*

*Дар ин рӯзи баҳорӣ дар кӯҳистони баланд тармае сангҳои азимеро чаппагардон карда лоёлуду барфолуд ва доду фарёдкунон ба поён мефарояд. Чанд пора сабзаю гиёҳҳои навбаромад низ ба зиндагӣ падруд мегӯянд.*

*Мегӯянд, ки тарма бо ҳайбату садои худ табиату Одмизодро бедор мекунад: Замин зинда шуд!*

## ҚАДАМҲОИ АВВАЛ ДАР ШОҲРОҲИ ИЛМ

Баъди хатми мактаби миёна бачаҳои мактаб-интернат ҳам дар чор сӯи кишвар, аз паи касбу корҳои гуногун паҳну парешон гаштанд. Дастпарварони мактаб-интернати шаҳраки Ғарм ҳам ҳар кас мувофиқи донишу ҳунараш касберо интихоб намуданд. Чор нафар ҳамсинфон–Ғиёсиддин, Маҳмадшокир, Валиҷон, Маъдӣ ва Ғозибек ҳам ҳуҷҷатҳояшонро барои дохил шудан ба мактаҳои олии мамлакат омода намуданд. Маҳмадшокир мувофиқи ваъдаи падараш – муаллим Носир Саидов, ки ҳанӯз дар айёми дар мактаби миёна таҳсил карданашон ният карда буд писараш бо Ғиёсиддин дар як мактаби олӣ таҳсил намояд, низ ҳуҷҷатҳояшро ба Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон супорид. Ғозибек бошад нияти дар соҳаи савдо кор кардан дошт, аз ин рӯ ба шаҳри Самарқанд сафар карду ба донишкадаи савдо ҳуҷҷат супорид. Маъдӣ бошад ба Донишкадаи варзиш раҳсипор гардид. Ҳамаи дӯстони бачагӣ ҳам

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

имтиҳонотро бомуваффақият супорида донишҷӯ шуданд. Ҳар яке минбаъд дар риштаҳои гуногун таҳсил кунанд ҳам, вале ҳамчун дӯстони бачагӣ боқӣ монданд ва ин дӯстии онҳо то имрӯз идома дорад.

Ҳанӯз рӯзҳои аввали таҳсил дар боргоҳи илму ҳунар маълум гашт, ки таҳсил ба ҷавонони деҳотӣ вазнинӣ мекунад. Аниқтараш, ҷавонони деҳотӣ хоҳиш ва ҳавсалаи таҳсил кардан доштанд, вале дар донишкадаи тиббӣ тамоми фаннҳо ба забони русӣ таълим дода мешуд ва ана ҳамин чиз барои Ғиёсиддин мушкилӣ мекард. Акнун ба ӯ лозим буд, ки ҳам илми тиб омӯзаду ҳам забони русӣ. Кӯшишу ғайрати забономӯзии Ғиёсиддин аз чашми омӯзгори фанни русӣ Нина Василевна Раздакова, ки ба онҳо забон меомӯхт, пинҳон намонд.

– Ғиёсиддин, агар хоҳиш дошта бошӣ ман барои ту баъди машғулиятҳо аз фанни забони русӣ дарси иловагӣ медиҳам, – пешниҳод намуд муаллима.

– Албатта хоҳиш дорам, аммо шумо ҳар рӯз махсус барои ман як-ду соат вақти иловагиро аз куҷо пайдо мекунед, – нобоварона посух дод Ғиёсиддин.

Муаллима аз қавлаш нагашт. Ғиёсиддин ҳар рӯз баъди машғулиятҳо ба кафедраи забони русии донишкадаи тиббӣ омада, аз муаллима аз фанни забони русӣ сабақи иловагӣ мегирифт. Натиҷаи заҳматҳои доимиаш барои азбар намудани забони русӣ дар муддати якчанд моҳ самари нек дод. Ӯ бо забони русӣ озодона гуфтугӯ кардану китобҳои илмӣ ва адабӣ қироат намуданро омӯхт.

Соли сеюми таҳсил дар донишкадаи тиббӣ Ғиёсиддин дар мавзӯи «Усулҳои муайян кардани норасоии гурдаҳо дар натиҷаи илтиҳоби давомноки онҳо» ба тадқиқоти илмӣ бо роҳбарии яке аз олимони маъруф Валентина Ива-

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

новна Зайсева шурӯъ намуд. Ҷараёни пайваста омӯхтани сарчашмаҳои илмӣ ва тадқиқи ин мавзӯъи мураккаб ба рӯи Ғиёсиддини ҷавон дарҳои соҳаи нави илми беканорро кушод. То соли панҷуми хониш Ғ.Қ.Мироҷов дар назди профессор В.И.Зайсева ва дотсент Л.Т.Вишневская тадқиқоти илмӣ мебурд ва чанд мақола дар нашрияи донишгоҳ чоп намуд. Ҳамон солҳо олими маъруф, академик Ҳамид Ҳусенович Мансуров ба донишҷӯёни Донишкадаи тиббии Тоҷикистон дар кафедраи «Терапияи госпиталӣ» лексия мехонд. Олими маъруф мавзӯи кори илмии донишҷӯи соли панҷум Ғиёсиддин Мироҷовро дастрас намуда, аз назар гузаронда дар он навоварӣ ва ҷӯяндагии илмӣ, дили ҳассосу ташнаи донишҳои навро эҳсос намуд ва ба муаллифаш мароқ зоҳир кард. Шиносоии якуми донишҷӯ ва олим ба дӯстии доимӣ табдил ёфт. Минбаъд Ғиёсиддин шогирд буду академик Мансуров устод.

… Баъдтар, вохӯрии дигари ӯ бо Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Данғара баргузор гардид. Ҳамон вақт модари сарвари давлат дар ин ноҳия бистарӣ буд ва Ғиёсиддин бо ҳамроҳии вазири тандурустӣ А. Аҳмадов ба дидорбинӣ рафтанд.

Чун онҳо ба беморхонаи ноҳиявӣ, ки Модар бистарӣ буд, расиданд аллакай амалиёти ҷарроҳӣ гузашта буд. Баъди дидорбинӣ Ғиёсиддин пеши беморхона монд ва сарвари давлату А. Аҳмадов берун баромаданд. Баъди чанде нафаре омада ба Ғиёсиддин гуфт, ки президент шуморо мепурсад.

Ӯ ҳамроҳи роҳбалад тарафи хонаи сарвари давлат роҳсипор шуд ва сӯҳбат сари як пиёлаи чой то дергоҳ тӯл

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кашид. Ин сӯҳбате буд, ки маънии зиёдеро ба худ касб мекард ва паҳлуҳои зиёдеро дар бар мегирифт.

Президенти кишвар дар омади гап пурсони он гашт, ки Ғиёсиддин дар вақти ошӯбҳо ба ягон маҳали дигар гуреза шуда буд. Ҷавоби академик хеле писанд омад.

– Ман аз Душанбе набаромадам ва рӯзе ҳам ҷойи кори худро тарк накардам. Ҳар пагоҳӣ ба пажӯҳишгоҳ мерафтаму бегоҳӣ ба хона.

– Ба шумо барин мардон мо тавонистем сулҳро дар мамлакат барқарор намоем, – гуфт дар ҷавоб сарвари кишвар. – Обод намудани ҷумҳурии нав истиқлолият ба даст оварда кори осон нест ва талошҳою заҳматҳои пурмашаққатро мехоҳад. Ва обод намудани он имрӯз ба ҳар якеи мо вобаста аст.

Ҳамон рӯз сари пешрафту мушкилоти ҷойдоштаи соҳаи тандурустӣ, нақшаҳои оянда сухани зиёд гуфта шуд. Президенти кишвар инкишофи ин соҳаро дар навбати аввал гузошта, саломатии мардуми тоҷикро боигарии давлат номид.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

## КАТИБАИ РӮЗ

*Рӯзи нав меояд.*

*Барои Модар. Замоне ӯ ҷавон буд, акнун мӯйҳои сафедаш зери нури офтоб ҷун шири сафедаш дурахш медиҳанд.*

*Мегӯянд, ки бузургтарин дуо барои фарзанд ин дӯои Модар аст, ки саҳаргоҳон бо дастҳои кушода рӯ ба қибла меорад.*

## ИМТИҲОНИ ЗИНДАГӢ

Солҳои аввали соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон давраи санҷиши ҳақиқии бисёр соҳаҳои ҳаёти мамлакат гашт, ки аз ин саф илми тиб дар канор намонд. То ҳол оқибатҳои харобиовари моҷарои дохили мамлакат, махсусан инҳисори баъзе аз минтақаҳои мамлакат аз ҷониби марказ аз хотирҳо фаромӯш нашудааст. Солҳои 1993-94 аз тариқи воситаҳои ахбори омма дар бораи ба бемории то ҳол ба одамон номаълуми сокинони ноҳияҳои Фархор, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ва Данғара хабарҳои мудҳиш паҳн гашт. Мутобиқи маълумоти ахбори интишоршуда одамони зиёде дар натиҷаи хӯрдани орди гандуме, ки ба растаниҳои заҳролуд ҳамроҳ шуданд, ба касалии ҷигар гирифтор мешудаанд.

Азбаски бемории мазкур як самти фаъолияти илмию тадқиқотии Ғиёсиддин Мироҷовро ташкил медод, бо супориши академик Мансуров гурӯҳи калони олимони тоҷик дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб зуд ба тадқиқи он шурӯъ намуданд. «Гепатоангиопатияи гелиотропӣ» (бемории Мирочник-Мансуров) ба сардори гурӯҳи олимони тадқиқотчӣ –

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

олими ботаҷриба Ғиёсиддин Мироҷов иллати ошно буд. Олим дар ҷои воқеа ба тадқиқи дистрофияи гелиотропии ҷигар ҷиддан машғул шуда исбот намуд, ки он заҳрест ки ба рагҳои хурди хунгарди инсон (микросилкулярӣ), асосан ба ҷигар таъсири марговар мерасонад. Дар натиҷаи бевосита дар маҳалҳо бо аҳволи беморон аз наздик ошно шудану омӯхтани табиати бемории олимон ба хулосаҳои илмӣ расиданд ва пеши роҳи паҳншавии иллатро гирифтанд. Аз натиҷаи ин тадқиқоти илмӣ монографияи илмии «Гепатоангиопатияи гелиотропӣ» бо имзои академик Ҳ.Мансуров, Ғ.Мироҷов ва Ф. Мансурова ба табъ расид ва соли 2003 олимон барои ин тадқиқоти бузург бо мукофоти Академияи илмҳои ҷумҳурӣ ба номи Е.Н. Павловский мушарраф дониста шуданд.

Бесабаб нест, ки дар тамоми мамолики ИДМ (собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ) ва ҷаҳон Пажӯҳишгоҳи гастроэнтрологии Ҷумҳурии Тоҷикистон овозадор буд ва ҳамкориҳои илмӣ қариб бо ҳама институтҳо ба роҳ монда шуда буд. Имрӯз ҳам ин кор давом дорад. Ин маънии онро дорад, ки илми тибби тоҷик дар соҳаи гастроэнтерологияи ҷаҳонӣ сафҳаеро банд намудааст. Дар сархати он бошад номи академик Ғиёсиддин Мироҷов низ навишта шудааст.

… Илм паҳлуҳои зиёде дорад, ки ба қуллаҳои он расидан осон нест. Ин гуфта ба илми тибби тоҷик низ дахл дорад. На ҳама ихтисосҳои илм мувофиқи мақсад ва вобаста ба талаботи замона пеш мераванд. Ин махсусан дар шароити имрӯза, ки кишвар соҳибистиқлол асту илми тиб бештару пештар инкишоф ёбад, баръало ҳис мешавад. Вақти он расидааст, ки дар ин бора бояд ҳарф зад. Академик Ғиёсиддин Мироҷовро ана ҳамин нукта бисёртар ба дард меорад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Тоҷикистон қариб дар тамоми соҳаҳои илми тиб мутахассисони варзида дорад, вале аз рӯи ихтисосҳои гистолог, иммунолог, генетика, рентгентология, … мутахассисон ангуштшуморанд. Ҳатто метавон гуфт, ки онҳо вуҷуд надоранд. Инро чӣ тавр метавон рафъ намуд?

Борҳо ин масъаларо академик Ғ.Мироҷов дар ҷаласаҳои вазорат ва АИТ ВТ ҶТ бардошта ва барои тайёр намудани чунин кадрҳо нуктаи назари худро иброз намуд. Ин ихтисосҳое мебошанд, ки пешрафти илми тиб басо душвориҳоро пеша мекунад. Вале…

Аз чӣ бошад кадрҳо бештар ба ихтисосҳои ҷарроҳ, момодоя ва гинеколог, духтури дандон ва ғайра рӯ меоранду ба ихтисосҳои илми назариявӣ таваҷҷӯҳ кам ба назар мерасад. Агар имрӯз ба рӯйхати аспирантону докторантҳои ҷавон назар афканем, манзараи аҷоибе пеши назар меояд. Аз 83 нафар аспирантон ва 20 нафар докторантоне, ки соли 2010 дар ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино таҳсил намуданд, ихтисосҳои дар боло номбаршуда қариб, ки вуҷуд надоранд. Дар муассисаҳои илмии дигар низ аҳвол чунин аст.

Фароҳам овардани шароит ва ҷалб намудани ҷавонон корест мушкил, лек бояд онро амалӣ намуд. Маблағ барои корҳои илмӣ – тадқиқотӣ ба андозаи нокифоя ҷудо мешаванд. Бояд қайд кард, ки андозаи маоши кормандони илмӣ паст аст ва номувофиқатӣ дар маоши вазифагӣ барои кормандони илмии соҳаи тандурустӣ дида мешавад. Махсусан идрорпулии аспирантону докторантон хеле ночиз аст.

Маблағгузории барномаҳои илмӣ барои гузаронидани тадқиқотҳои амиқи илмии ояндадор нокифоя аст. Ин масъала бояд таваҷҷӯҳи масъулини вобастаро ба худ ҷалб намояд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## КАТИБАИ РӮЗ

*Рӯзи нав меояд.*

*Дар чорраҳа тифл гирён аст. Кӣ дасти ӯ мегирад. Кӣ роҳбаладаш аст?*

*Ҳамаи мо медонем, ки бо бузургшавии ӯ мо бузург мешавем, бо шодиаш механдем, бо ноомадаш дилгирем. Пас ӯ кист?*

*Мегӯянд, ки ин тифли чорраҳа худи Одамизод аст. Садсолаҳост, ки ӯ гирёну сарсон роҳ меҷӯяду роҳ мекушояд.*

## УСТОД МИРОҶОВ

Академик Ғ.Қ.Мироҷов соли 2000 директори Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи кишвар интихоб шуд. Ба ҷойи устод Ҳ.Ҳ.Мансуров таъин шудан маънии онро дошт, ки бояд шогирд давомдиҳандаи кор ва пешравии ин даргоҳ гардад. Он рӯзҳо рӯзҳои хуб набуданд, кишвар нав аз гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ раҳо ёфта буд. Бидуни ин мутахассисони зиёде кишварро тарк карда, ба мамолики дигар мерафтанд. Таҷҳизоти ҳозиразамони ташхисию табобатӣ намерасид ва қисме, ки вуҷуд доштанд, фарсуда шуда буданд. Сохтмони иморати нави пажӯҳишгоҳ ба итмом расида буд. Қисмати 5-ошёна лаборатория нотамом монда буд.

Ғ.Қ.Мироҷов он рӯзҳо хобу осудагӣ надошт. Фикри чӣ тавр анҷом додани корҳои сохтмони ин бино ӯро ором намегузошт. Ӯ ба воситаҳои ахбори умум рӯ овард. Чандин маротиб тариқи телевизион баромад намуда, мушкилоти ҷойдоштаро иброз намуд. Ва ахиран ба муроди худ расид. Сарвари кишвар Эмомалӣ Раҳмон комиссияи калонеро

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дар ҳайати 15 нафар бо сардории муовини сардори Дастгоҳи иҷроияи президенти кишвар ба пажӯҳишгоҳ равона сохт ва супориш дод, ки ҳаҷми корҳои сохтмонӣ омӯхта шаванд. Баъди суҳбат бо директори пажӯҳишгоҳ Ғ.Қ.Мироҷов ва омӯхтани ҳаҷми маблағ комиссия хулосаи худро баровард ва корҳои сохтмонӣ сар шуданд. Дар ин бино аз ҳисоби буҷаи кишвар қариб 2.5 миллион сомонӣ сарф шуд. Дар давоми соли 2005 бино пурра сохта шуда, ба истифода дода шуд.

Баҳори соли 2005, вақте ки Президенти кишвар бо зиёиён мулоқот намуд, баъди вохӯрӣ дасти Ғ.Қ.Мироҷовро дошта гуфт:

– Бино сохта додем, онро ҳифз намоед ва барои баланд бардоштани саломатии мардум кӯшиш намоед.

Дар ин айём роҳбарӣ намудан маънии онро дошт, ки бояд пажӯҳишгоҳ аз сари нав зинда карда шавад. Ғиёсиддин аз рӯзи аввали кор ҳамаи инро дарк намуд ва кӯшиши худро ба он равона сохт, ки кадрҳои нав тарбия карда шаванд ва барои кормандон шароити хуби корӣ муҳайё гардад. Пеш аз ҳама дар фикри он афтид, ки ҷавонони лаёқатманд ба кор ҷалб карда шаванд, ҳарчанд замона ноором ва музди меҳнат ночиз буд, ӯ ба ин муваффақ шуд.

Тайи чанд сол пажӯҳишгоҳ пурра ба кадрҳо таъмин гардид. Бо кӯмаки ҳукумат ва шахсан Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон сохтмони иморати панҷошёна, ки зиёда аз 30 сол давом дошт, муддати як сол ба итмом расид ва ба истифода дода шуд. Лабораторияҳо соҳиби таҷҳизоти замонавӣ гардиданд. Сол аз сол фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ низ беҳтар мегардид. Гузаронидани анҷуману семинар ва конфронсҳо дар кишвар ба роҳ монда шуд ва инчунин ба-

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

рои ширкат варзидани кормандони пажӯҳишгоҳ дар форумҳои мамолики дуру наздик шароит фароҳам омад. Дар 10 соли охир 4 конференсияи ҷумҳуриявӣ бо иштироки олимони хориҷ дар пажӯҳишгоҳ гузаронида шуд. Ин рӯзҳо акнун олимони ҷавони нав тарбия меёбанд. Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми дар давраи Шуравӣ доштаашро пурра барқарор намуд ва робитаҳои ҳамкорӣ бо пажӯҳишгоҳу марказҳои илми-тадқиқотии мамолики ИДМ ва берун аз он пурра ба роҳ монда шуд.

Инак тайи 11 сол мешавад, ки ӯ дар ин вазифа ифои хизмат дорад. Дар ин давом пажӯҳишгоҳ дастовардҳои назаррасеро соҳиб гардид, бидуни он ки он ба бинои нави ҳозиразамон кӯчид, олимони зиёде таҳти роҳбарии академик Ғ.Қ.Мироҷов ба воя расиданд. Дар пажӯҳишгоҳ зиёда аз 200 нафар олимону мутахассисони соҳибтаҷриба кор намуда, пайваста баҳри баланд бардоштани соҳаи гастроэнтерология фаъолияти илмию тадқиқотӣ мебаранд. Байни онҳо 2 академик, 9 доктор ва 25 номзади илм мавҷуд аст.

Дар ин давом 4 нафар докторон ва 20 номзадҳои илм бевосита таҳти роҳбарии академик Ғ.Қ. Мироҷов тайёр шуданд. Имрӯз шогирдони ӯ –докторони илми тиб С.Авезов–муовини директории пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологии кишвар, Н.Раҷабова– сарвари Маркази тибби шахсии «Жасмин», Ҳ.Хайров – директори Маркази ғизои Вазорати тандурустиӣ давомдиҳандаи кори ӯ ба шумор меравнд. Афсус, ки яке аз шогирдон доктори илмҳои тиб А. Саидмуродова ба наздикӣ аз сактаи дил риштаиумраш канда шуд. Бидуни ин шогирдони зиёд ба корҳои илмӣ машғуланд, ки устод Ғ.Қ. Мироҷов пайваста бо онҳо кор мебарад ва маслиҳатҳои худро дареғ намедорад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Имрӯз қисме аз онҳо дар пажӯҳишгоҳу марказҳои илмӣ ва беморхонаҳои дигар кор мекунанд, вале ин маънии онро надорад, ки аз назорати устод дур мондаанд. Устод доимо таъқид мекунад:

– Барои шахсе, ки илмро пешаи кори худ мекунад ва мехоҳад дастовардеро соҳиб шавад, рӯзу соати корӣ вуҷуд надорад. Доимо, ҳар соат бояд дар фикри он бошӣ ва талошу такопӯи доимӣ инсонро ба мақсад мерасонад.

Ва имрӯз Сайфулло Авезов дар бораи устод мегӯяд:

– Шогирди устод будан кори осон нест ва на ҳар шахс ба он тоб оварда метавонад. Ӯ басо сахтгир ва серталаб аст, ҳар нукта ҳар сатри навишта ва ҳар кори кардаро мехонаду месанҷад. Ӯ шахсеро мемонад, ки гӯё доимо аз кори кардаат норизо аст, вале баъдтар мефаҳмӣ, ки ба фоидаи туст. Мефаҳмӣ, ки шогирди устод будан ин маънии дар ҳақиқат олими касби худ буданро дорад.

Ҳар рӯзи чоршанбе устод ҳамроҳи тамоми табибон ва кормандони илмӣ беморонро дида, аз аҳволи эшон, ташхисҳои гузаронида ва табобати таъйин карда огаҳ мешавад. Дар вақти дидани беморон саволҳои зиёдеро устод ба миён мегузорад, ки гӯё худаш пешакӣ тайёр карда омада бошанд.

Боре дар суҳбати устод сухан сари мактабсозиҳо ва давом додани кори ин мактабҳо рафт. Ин бар он маънист, ки ҷамият ба нафаре, ки дар ҷодаи ин ё он касб ба дараҷаи устодӣ мерасаду кору пайкори ӯ аз тарафи шогирдон давом меёбад, баҳо медиҳад ва ин устодро ҳамчун соҳибмактаб эътироф менамояд. Ин нафарҳо дар байни мо кам нестанд, ки аз ҷумлаи онҳо бузургон Одинаи Ҳошим, Шарифҷон Ҳусейнзода, Садриддини Айнӣ, М.Турсунзода, Осимӣ ва дигарҳо ба шумор меравранд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Онҳо дар ҳақиқат байни мардум эътироф гашта, кори онҳо то ба имрӯз давом дорад.

Дар ин бобат устод мегӯяд: «Олиме, ки танҳо фикри худро мекунаду шогирд надорад, ӯ олим нест. Ба мисли занбури беасал аст. Агар олим шогирди худро надошта бошад, пас давомдиҳандаи кори ӯ кӣ хоҳад буд?

Пештар олимони мо ба кадрҳои маҳаллӣ камтар таваҷҷӯҳ доштанд. Ба муаллиме ба ман дарс гуфта буд, имрӯз савол медиҳам, ки куҷоанд он ҳама шогирдони омодакардаатон? Ҳамааш баромада рафтанд. Баъзе олимони маъруфе ҳастанд, ки баъди ба нафақа рафтанашон ба ҷояшон киро монанд, намедонанд. Тоҷикҳо як мақоле доранд: «худкуши бегонапарвар».

Агар худам талош намекардам, маро ҳам барои пешрафти фаъолияти илмиам монеагии зиёде мекарданд».

Муроди устод Ғиёсиддин Мироҷов низ ҳамин аст. Илми тибби тоҷик бояд бо кадрҳои донишманду закӣ таъмин бошад. Тоҷикистон замоне (солҳои шӯравӣ дар назар аст) бо тиббу табобати худ байни дигар ҷумҳуриҳо номдор буд, махсусан Донишкадаи тибби Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино (ҳоло донишгоҳи давлатӣ) мақоми хосае дошт. Беҳтарин олимони шӯравӣ дар ин даргоҳ дарс мегуфтанду фаъолияти корӣ мебурданд. Ҷанг сабаб шуду қисме аз онҳо тарки Ватан карданд… Акнун ҷойи онҳо холӣ мондааст. Ин на ба он маънӣ аст, ки одаме ёфт намешавад, ки дар вазифаи онҳо кор кунад, балки олимони соҳаи худ дар ҳақиқат камшумор шуданд. Бо тамоми ҳастӣ тарбия намудани кадрҳои нав бошад, вазифаи олимони закӣ ҳаст, ки пагоҳ бори гарони илми тоҷикро бардошта тавонанд. Илмеро ки сарчашмаи худро аз Синои бузург гирифтааст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

… Кӣ дар ҷавонии худ ошиқ нашудааст? Кӣ барои маҳбубааш шеъри ошиқона нанавиштааст? Ин айёмест, ки ҷавон бемори дарди ишқ мегардад. Аввалин вохӯрии ошиқонаю аввалин бӯсаи ошиқӣ …

Ғиёсиддин Мироҷов низ замоне ҷавон буд ва ба ёди духтаре шабзиндадориҳо намудааст. Солҳои донишҷӯӣ оҳиста-оҳиста паси сар мешуданд ва дар ин замон ӯ ба духтаре дил баст. Имрӯз чун он рӯзҳои ширин пеши назараш меоянд, табассуме дар лабонаш ҳувайдо мегардад. Як писараки деҳаи баланди водии Рашт ба духтари самарқандӣ ошиқ шуд. Ошиқи шайдо ва беқарори табиб-духтаре бо номи Бӯстон. Онҳо ҳарду донишҷӯи Донишгоҳи тибби Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино буданд, ҳарду ҳамчун донишҷӯёни аълохон ном бароварда, ба дигарон намунаи ибрат ба ҳисоб мерафтанд.

Баъди чанд соли ошиқӣ тақдир онҳоро бо ҳам пайваст ва дар кишвар як оилаи табибони нав барпо гардид. Тӯйи арусии онҳо соли 1973 дар шаҳри Душанбе баргузор шуд ва хешовандону дӯстон он рӯз тамоми хушбахтиҳои дунёро ба ин ду навхонадор орзу намуданд. Ва таманнои дигар ҳамин буд, ки ин оилаи нав дар оянда барои илми тибби тоҷик хизмате карда тавонад. Дар ҳақиқат ҳамин тавр ҳам шуд.

Тайи солҳои зиёд пастию баландии зиндагиро бо ҳам диданд, тайи солҳои зиёд нозбардори ҳамдигар мебошанд. Тайи ин солҳо Бустонхон ягона таскиндиҳанда ва такягоҳи Ғиёсиддин буд. Бустонхон дар зиндагии Ғ.Қ.Мироҷов нафаре шуд, ки барои фатҳ намудани қуллаҳои душвори илми тибби тоҷик хизматҳои зиёде намудааст. Бидуни он, ки ӯ худ олимаи тибби тоҷик буд ва дар доираи ин илм ранҷ мекашид, доимо ба корҳои илмии Ғ.Қ. Мироҷов назари хосаи худро дошт. Ӯ мегуфт, ки роҳи пешгирифтаи Ғ.Қ

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

.Мироҷов дар илми тибб душвортар аст ва заҳмати шабонарӯзӣ талаб мекунад. Барои натиҷае ба даст овардан бояд пайваста ҷустуҷӯ ва талош намуд. Ин ҳама бе кӯмаки дӯсти наздик ҳеҷ гоҳ муяссар намегардад. Яке аз ҳамин дӯстон завҷаи меҳрубон –Бустонхон буд.

Ғ.Қ.Мироҷов низ имрӯз худ иқрор аст, ки завҷааш дар комёбиҳои ба даст овардаи ӯ ҳиссаи калоне дорад. Маҳз завҷаи меҳрубон буд, ки Ғ.Қ.Мироҷов ба дараҷаи академикӣ расид.

Бӯстон Эшонқулова имрӯз худ ҳам доктори илми тиб, профессор, мудири кафедраи фармакологияи Донишгоҳи давлатии тибби Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино мебошад. Имрӯз корҳои илмӣ ва тадқиқотҳои кардаи ӯро дар муассисаҳои калони илмии кишвар ва берун аз он ҳамчун сарчашмаҳои илми тибби тоҷик дар соҳаи дорушиносӣ мавриди омӯзиш қарор дода, ба хусусиятҳои хоси фармакологияи тоҷик хуб шинос шудаанд.

Тадқиқоту асарҳои илмии навиштаи ӯ дар ин соҳа аз як ҷониб илми дорусозиро пешрав намуда бошанд, аз тарафи дигар дар ҷодаи тайёр намудани доруҳои ватанӣ хизмати калоне намудаанд. Махсусан, аз ҳисоби рустаниҳои ватанӣ тайёр намудани доруворӣ роли калонеро мебозад. Маҳз ҳамин талошҳояш буд, у тавонист дар соли 1982 рисолаи номзадӣ ва соли 1999 рисолаи докториашро ҳимоя намояд. Имрӯз байни занони Тоҷикистон чунин нафарон ангуштшуморанд, ки дар соҳаи илми тибби тоҷик хизматҳои намоёне карда бошанд. То ба имрӯз Бӯстонхон пайи амалӣ намудани тадқиқотҳои илмии худ заҳмат кашида, бидуни ин дар Донишгоҳи давлатии тибби Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ба табибони оянда илми тибро меомӯзад.

Фармакология тоҷик таърихи ҳазорсола дорад, ки аз Абубакри Закариёи Розӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯрайҳони

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Берунӣ сарчашма мегирад. Аммо мероси ин олимони барҷаста ҳануз пурра омӯхта нашуда ва мавриди таҳқиқ карор нагирифтааст. Махсусан, растаниҳои шифобахше, ки дар ҳудуди Тоҷикистон мерӯянду асрҳои зиёд манбаи маводҳои шифобахши бисёри бемориҳо дар Шарқ ба ҳисоб мерафтанд, то даврони соҳибистиқлолӣ аз тарафи илми фармакологияи тоҷик диққати махсусеро доро набуд. Дар ин бора чандин маротиба дар баромадҳои худ Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки то ҳол олимони тибби тоҷик ба маводҳои растанӣ, ки шифобахшиашон ҳазорсолаҳо тасдиқ гардида аст, кам таваҷҷӯҳ доранд.

Б.Эшонқулова дар ин бора мегӯяд:

– Олимони соҳаи фармакология исбот намуданд, ки моддаҳои фаъоли биологӣ (МФБ), чун равғанҳои эфирӣ, полифенолҳо ва флавоноидҳо, ки дар таркиби растаниҳо мавҷуданд, таъсири васеи фармакологӣ доранд ва гаронбаҳотарин қиммати онҳо ин хосияти зиддидиабетӣ доштанашон мебошад. Маълум аст, диабети қанд яке аз бемориҳои вазнини паҳншуда ба ҳисоб рафта, аз рӯи маълумотҳои Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ айни замон қариб 200 млн. одамон ба ин бемори гирифторанд. Ҳар сол шумораи беморон зиёд шуда истодааст, аз байни онҳо 80%-ро беморони диабети қанди навъи II ташкил медиҳанд.

Аз ин лиҳоз ҷустуҷӯи беҳтарин растаниҳои шифобахши ҷумҳурӣ, ки хосияти қандпасткунӣ доранд, гузаронида шуд. Баъди омӯзиши зиёд растаниҳои зерине, ки дар ҷумҳуриамон захираи бойи саноатӣ доранд, интихоб гардиданд: барги ангур, решаи анҷибари даштӣ, меваи сафораи ҷопонӣ.

Ҳангоми омӯзиши таъсири гиполипидемии растаниҳои муоинашаванда Бӯстон Остоновна бо шогирдонаш инчу-

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

нин муайян намуданд, ки қиёми барги ангур аз рӯи таъсирнокии худ нисбат ба обпази решаи анҷибари даштӣ ва меваҳои сафораи ҷопонӣ бартарият дорад.

Аз ин бармеояд, ки қиёми барги ангур метавонад инкишофи оризаи шадиди диабети қанд – ангиопатияи диабетиро пешгирӣ намояд.

Дар баробари ин таҷрибаҳои дар ҳайвонот гузаронида муайян намуданд, ки растаниҳои омӯхташаванда масъунияти нохосро барқарор менамоянд.

Дар асоси растаниҳои омӯхташуда ду ҷамъи зиддидиабетӣ кор карда баромада шуданд, ки номашон шартан «юнибет» ва «фитобет» аст. Барои баланд кардани таъсирнокии муолиҷавии ин растаниҳо ба таркиби ҷамъҳо боз алафҳои лимӯкаҳак, коқутӣ, решаи ширинбия ва тухми татум ворид карда шуд.

Натиҷаҳои тадқиқотҳои дар растаниҳои шифобахши қандпасткунанда ва ҷамъҳои зиддидиабетӣ гузаронида дар рисолаи доктории Б.А.Эшонқулова (соли 1999) хуб инъикос ёфтааст.

Дар айни ҳол таҷрибаҳо оид ба истеҳсоли доруҳои нав дар асоси қисматҳои гуногуни ангур давом доранд. Нишон дода шудааст, ки шарбати ангури хоми «Ғура-об» ҳосилшавии шарбати меъдаро баланд мекунад ва метавон онро ҳангоми гастритҳои гипо – ва анасидӣ васеъ истифода бурд. «Ғура-об» миқдори қандро дар хун паст мекунад. Оид ба маводи мазкур патент гирифта шудааст ва дигар хусусиятҳои шарбати «Ғура-об» дар давраи омӯзиш мебошанд.

Ҳамчунин таҷрибаҳо оид ба омӯзиши ҷамъҳои ихтироънамудаи худӣ – «маранкхуч», «чорбарг», «чордору» рафта истодаанд, ки онҳо низ таъсири қандпасткунӣ, гиполипидемӣ, антихолестеринемӣ ва оромбахширо доранд»…

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бидуни ин ҳама Б. Эшонқулова ҳамчун зани роҳбар, ки насли ҷавони тоҷикро дар рӯҳияи ватандустӣ ва илмомӯзӣ тарбия намудааст, ном баровардааст. Ӯ солҳои зиёд вазифаҳои масъулеро низ ба зимма дошт. Зиёла аз 6 сол ҳамчун ноиби ректор оид ба корҳои таълим дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ифои вазифа намуд. Даҳҳо шогирдони тарбиянамудаи ӯ имрӯз худ соҳибунвон гашта, номбардори илми тибби тоҷиканд.

Тайи солҳои зиндагӣ ин ду олими тоҷик соҳиби фарзанд, соҳиби набера шуданд. Имрӯз шукри онро мекунанд, ки фарзандон хуб ба воя расиданду соҳибном ва соҳиби дониши амиқ гардиданд. Фарзанди калонӣ Ситора пайи касби падару модар рафт, духтур шуд. Ӯ имрӯз номзади илми тиб оид ба бемориҳои занона буда, ба мардум хизмат мерасонад.

Фарзанди дигар Наимахон дар соҳаи иқтисодиёт фаъолият дорад. Наимахон бидуни иқтисодчӣ будан забони англисиро хуб аз худ намудааст. Бинобар ин ӯро муассисаҳои хориҷӣ ба кор даъват мекунанд.

Инак охирин фарзанд – Аъзамҷон низ ба ҳаёти мустақилона гусел карда шуд. Қарзи падарӣ ба ҷо оварда шуд. Аъзамҷон дар соҳаи технологияи информатсионӣ ҳамчун мутахассиси хуб ба воя расидааст.

Ғ.Қ.Мироҷов шукр аз он мекунад, ки дар ҳаёт роҳи дурустро интихоб намуд, оилаи намунавӣ барпо кард ва дар ҷодаи илми тиб паҳлу ба паҳлу бо ҳамсар роҳи хуберо тай намуданд. Инчунин фарзандони хубе ба воя расиданд, ки имрӯз номбардори ин хонадонанд. Ин маънии онро дорад, ки чароғи ин хонадон доимо фурӯзон аст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## КАТИБАИ РӮЗ

*Рӯзи нав меояд.*

*Бесадо, беовоз, бо афту хези худ, бо офтобу майсаборонаш.*

*Як каф хоки гирифтаи панҷаи дасти марди кӯҳистон бӯи баҳор мекунад.*

*Мегӯянд, ки то баҳори нав расидан орзуи доимии Одамизод аст.*

## ТАДҚИҚОТҲОИ ИЛМӢ

Академик Ғ.Қ.Мироҷов тайи солҳои зиёд аст, ки пайваста болои гепатитҳои С.В.Д. ки барои саломатии инсон аз бемории СПИД дида хавфноктаранд, тадқиқотҳои илмӣ мебарад. Ӯ маротибҳои зиёд болои ин мавзӯъ дар конфронсу анҷуманҳо баромад намуда, диққати олимони ҷаҳонро ба ин проблемаи рӯз ҷалб намудааст. Беҳуда вируси гепатити «С»-ро «марги меҳрубон» номгузорӣ нанамудаанд, зеро ин вирус ҷигари инсонро аз кор мебарораду худи ӯ ғофил мемонад.

Омӯзиши клиникӣ-морфологии ҷараёни гепатити музмини С нишон дод, ки бисёри вақт беморӣ бе аломат ё афзоиши миёнаи ферментҳо ва нишондодҳои баланди стреси оксидӣ сурат мегирад.

Проблемаи асосии гепатология омӯзиши минбаъдаи вирусҳои В, С, D, боқӣ мемонад. Аз рӯи нишондоди Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ шумораи гирифторони HBsAg қариб 350 млн. ва гирифторони HCV 180 млн. нафарро дар ҷаҳон ташкил медиҳанд, ки қариб 2 млн. нафа-

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ри он дар Русия мебошанд. Дар Тоҷикистон, ки манбаи гиперэндемӣ ба шумор меравад, то ба охир шумораи онҳо муқаррар нашудааст.

Барои пешгӯии саривақтии гепатитҳои вирусӣ, махсусан, намудҳои музмини онҳо бояд системаи амиқ ташкил карда шавад, ба монанди тестикунонии хун ва назорати диспансерӣ аз болои нафарононе, ки вируси ғайрифаъол доранд. То ҳануз механизмҳои асосии инкишофи гепатитҳои музмин ва сиррози ҷигари дуруст муайян нашудаанд, то ҳол маълумотҳои аниқ доир ба муносибати вирус-системаи иммунӣ-гепатосит дар даст наомадааст.

Доруҳои зиддивирусии таҳия шуда, ки дар табобати гепатити вирусӣ истифода мешуданд, аз сабаби қимати гарон доштанашон барои қисми зиёди аҳолӣ дастнорасанд. Ҳамаи ин ба он далолат мекунад, ки дар ин соҳа ҷустуҷӯҳои нав ба роҳ монда шуда, доруворихои зиддивирусӣ ва иммунологии нави барои ҳама дастрас пайдо шавад. Махсусан, коркарди индукторҳои нави интерферони эндогенӣ, истифодаи синк, бромиди тиамин, прополис, глисеризин, тимозин α ва дигар воситаҳои фаъоли биологӣ, ки дар растаниҳои Тоҷикистон дида мешаванд, манфиатовар аст. Ҷустуҷӯҳои дорувории таъсирбахш гувоҳи онанд, ки дарояндаи наздик имконияти дар асоси маҳсулоти маҳаллӣ тайёр намудани доруворихо бар зидди вируси гепатит ба даст меояд. Дар айни замон доруворихои нави тималфазин (задаксин), инчунин ингибитори протез ва протеиназ, ки барои табобати гепатити музмини C таҳия шудаанд, мавриди омӯзиш қарор доранд.

Нишонаҳои клиникӣ-функсионалӣ ва морфологии стеатогепатити ғайриалкоголӣ, ки бемории нав тавсифшуда мебошад, ҷудо карда шуданд. Аз рӯи проблемаи мазкур

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

таҳқиқотҳо давом доранд. Марҳалаҳои бемории чарбзеркунии ғайриалкоголии ҷигар (стеатоз, стеатогепатит, фиброз, сирроз ва карсиномаи гепатоселлюлярӣ) ҷудо гардиданд. Муқаррар гардид, ки дараҷаи стеатози ҷигар ба индекси вазни бадан, махсусан, ба дараҷаи намуди фарбеҳии геноидӣ мувофиқат мекунад.

Яке аз самтҳои фаъолият проблемаи гипертензияи порталӣ ба шумор меравад. Солҳои охир ҳангоми истифодаи усулҳои доппилерографияи ҷигар хусусиятҳои хунгардиши порталӣ ва артериявӣ, инчунин мавқеи оксиди азот ва ИЛ-6 дар патогенези гипертензияи порталӣ муайян карда шуданд. Таъсирнокии муолиҷавии блокаторҳои β (пропранолол, надолол), адреномиметикҳо ва эднит барои табобати фишори порталӣ тасдиқ гардид. Инчунин муайян карда шуд, ки истифодаи якҷояи венотоникҳо (флебодиа 600) бо доруҳои гипотензивӣ барои паст намудани фишори вариди даҳлези ҷигар таъсирнок мебошад. Дар баробари ин чорабиниҳо оид ба пешгирӣ намудани хунравӣ аз варидҳои варикозӣ – васеъшудаи сурхруда ва меъда ҳангоми гипертензияи порталӣ таҳия гардиданд.

Коркарди масъалаҳои гуногуни холестазҳо то ба ҳол проблемаи мубрам ба шумор мераванд ва солҳои зиёд аст, ки кормандони пажӯҳишгоҳ масъалаҳои асосии патогенез, ташхиси саривақтии намудҳои гуногуни он (дохили ва берунӣ), табобати ҷарроҳӣ ва консервативиро таҳия менамоянд. Дар солҳои охир омӯзиши аспектҳои асосии синдроми холестаз ҳангоми бемории алкоголӣ ва вирусии ҷигар давом дорад. Иммунопатологияи синдроми холестаз таҳия гардида, схемаи таъсирбахши табобати патогении он (гептрал+урсофалк) ва алгоритми ташхис ва табобат пешниҳод шудааст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Академик Ғ.Қ.Мироҷов мегӯяд, ки хӯроки мо дар ҳолати риояи меъёрҳо метавонад бароямон дору бошад ва дар сурати дигар ин хӯрок бароямон заҳр мегардад. Фарбеҳӣ ин беморист. Беҳуда шахси фарбеҳ гирифтори бемориҳои фишорбаландӣ, чарбзеркунии ҷигар, варами ғадуди зери меъда ва санги талхадон намегардад. Ба ин хотир асосгузори тибби ҷаҳонӣ Буқрот гуфтааст: «Ғизои шумо бояд доруи шумо ва доруи шумо бояд ғизои шумо бошад».

… Роҳи тайкардаи академик Ғ.Қ. Мироҷов басо дуру дароз аст. Тайи солҳои корӣ ӯ ба кучоҳо нарафт, бо киҳо ҳамсуҳбат нашуд. Чун агар ба ин роҳ назар афканем, номи кишвару шаҳрҳои зиёде болои коғаз меоянд. Аз ҳар сафари карда ӯ бо кулвори пур аз бор бармегашт. Ин кулвор боре дошт, ки илми тибби тоҷик аз он баҳра мебурд. …

Соли 1998 дар Австрия Конгресси умумиҷаҳонӣ баргузор гардид, ки барои академик Ғ.Мироҷов басо хотирмон буд. Дар ин форуми ҷаҳонӣ 2600 нафар олимону мутахассисони соҳибтаҷрибаи соҳа ҷамъ омада буданд, ки проблемаҳои муҳими соҳаи гастроэнтерологияро муҳокима менамуданд. Таклиф шудан ба ин форум ва баромад намудани Ғиёсиддин бо маърӯзаи илмӣ ин худ аллакай маънии шинохтани илми тибби тоҷикро дошт. Дар даромадгоҳи конгресс парчами 180 мамлакати ҷаҳон ҷило медод, ки шаҳодати пуриқтидориву ҷаҳонӣ будани он буд. Парчами кишвари Тоҷикистон ҳам аз ҷумлаи онҳо буд.

– Баъди конгресс мудири кафедра ва директори клиникаи пропедевтикии касалиҳои дарунӣ ва маркази гастроэнтерологӣ ва гепатологии Донишгоҳи тибби Москва ба номи И.М. Сеченов, Саргастроэнтерологи Вазорати тандурустии Русия, Президенти Ассосиатсияи гастро-

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

энтерологҳои Русия, Академики АИТ Русия Т.Ивашкин бо ӯ сӯҳбати зиёде намуд. Ӯ қаноатмандии худро аз баромад изҳор намуда, баҳои беҳтаринро баён намуд:

– Ман дар симои академикон Ҳ.Ҳ.Мансуров ва Ғ.Қ. Мироҷов бо итминони комил метавонам бигӯям, ки илми Гастроэнтерологияи Советӣ инкишоф меёбад, пеш меравад ва ояндаи дурахшон дорад…

Ин баҳо баҳои ҳаққонӣ буд.

Харитаи сафарҳои Ғиёсиддин басо доманадор аст ва гӯшаю канори мухталифи ҷаҳонро дар бар мегирад. Тайи фаъолияти пурсамараш дар кори 30 анҷуману конфронсҳо, симпозиуму семинарҳо ширкат варзида, маърӯзаҳои илмӣ намудааст. Шаҳрҳои собиқ Шӯравӣ: Москва (1981), Санкт-Петербург (1972-1978), Тбилисӣ (1981), Литва (1982), Тошканд (1983), Рига (1986) ва шаҳрҳою мамолики хориҷ Рим: (1999), Берлин (1988), Вена (1998), София (1989), Баден (с.1996), Полша (2000), Шотландия (2001), Индонезия (2001), Туркия (2007), Кения (с.2009) аз ҷумлаи онҳо ба шумор меравaнд. Ҳар сафару ҳар баромад ба худ навгоние дошт ва ёде аз вохӯрию баҳсҳои илмӣ бо олимон дар ёд мондааст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

### КАТИБАИ РӮЗ

*Рӯзи нав меояд.*

*Аз дуриҳои дур. Бо таппишу ларзиши дили мо.*

*Оё мо метавонем онро пешвоз гирем? Қувватамон мерасад?*

*Мегӯянд, ки ҳар як соати рӯзи атошуда сафҳаеро аз Зиндагии мо мерабояд.*

## БАЪДИ САРИ ПАДАР

Ғиёсиддин Мироҷов ҳар сари вақт роҳ сӯи деҳаи Лоҳури ноҳияи Данғара пеш мегирад. Барои дидорбинӣ ба боғ меравад. Ин дидорбинӣ маънии дидор бо падар – Акаи Мироҷро дорад. Гӯё дар ҳар дарахти сабзида, ҳар буттаи қадкашида симои падарро мебинад. Соатҳо дар ин боғ андармон мешавад, соатҳо зери дарахтони падар сабзонда дароз мекашаду бо падар розу ниёзи ниҳонӣ мегӯяд. Шамоли серуни дарахтон гӯё навозиши дасти падаранд.

Баъди ҳар як дидорбинӣ ӯ худро хеле сабуку болидарӯҳ ҳис мекунад, гӯё аз тамоми бори гарони зиндагӣ озод мегардад.

Солҳои баъдина нигоҳубини боғ ба уҳдаи хешовандон афтид. Бо сабаби серкорӣ буд ва ё норасоии об, ки қисме аз дарахтон хушкиданд, қисми дигарро мардум барои сӯзишворӣ бурида гирифтанд. Боғ ҳолати ногуворе ро ба худ гирифт.

Ин ҳама дили Ғиёсиддин Мироҷовро ба сӯзиш овард. Пайи аз сари нав обод намудани қисмати вайроншудаи

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

боғ ба сараш зад. Баҳори соли 2009 – 800 дона ниҳоли навбар гирифта ба боғи падар омад ва онҳоро шинонд. Ӯ кори падарро давом дод, ҳар як ниҳоли шинондаро сари вақт об дод. Ниҳолҳо қад кашиданд ва ҷойи дарахтони хушкидаю буридаро гирифтанд. Боғ аз сари нав таровати хосеро ба худ гирифт.

Акнун Ғиёсиддин гаҳу ногаҳ, рӯзу ҳафтае ба боғ меояд, тамоми қисмати онро давр мезанад. Сабзиши дарахтон ва қадкашии ниҳолони навбарро дида дилаш ором мегардад. Ором аз он, ки нақши дастони падар боз побарҷо монд ва боғи Акаи Мироҷ шукӯҳу шаҳомати пешинаро ба худ пайдо кард.

Рӯҳи падар шод шуд.

… Имрӯз кишвари тоҷикон аз он меболад, ки тайи ҳазорсолаҳо олимону абармардони бузургеро ба воя расонид ва онҳо тамоми давру замон номбардорони ин миллат буданд. Оғози он ҳануз аз давраи давлатдории Сомониён ибтидо мегирад.

Даврони шӯравӣ низ илми тоҷик басо рушд намуда, олимони зиёде дар соҳаҳои мухталиф дастовардҳои калонеро соҳиб гардиданд. Имрӯз вақте, ки саҳифаҳои таърихро варақ мезанем, симоҳои зиёде намоён мегарданд.

Ғ.Қ.Мироҷов хуб медонад, ки пешравии миллат бо кори олимон вобастагии зич дорад. Ҳарчанд солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба соҳаи илм ҳам хисороти калон овард, вале имрӯз инкишофи он рӯ ба беҳбудӣ ниҳодааст. Дар сатҳи ҳукумат қабул намудани барномаҳои давлатӣ оид ба рушди илм маънии онро дорад, ки тараққиёти илми тоҷик дар солҳои минбаъд таҳаввулоти наверо ба худ гирад.

Ба воя расонидани як олими дар ҳақиқат донишманд кори осон нест ва садсолаҳо даркор аст, ки як фарзанди фар-

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

зона рӯи кор ояд. Шумораи академикҳои тоҷик ҳарчанд ангуштшумор бошанд ҳам, бояд талош намуд, ки академикҳои нав рӯи кор оянд. Ва кори дигар ин ҳифз намудану фароҳам овардани шароити корӣ барои онҳо мебошад, ки дар рафти кор тарбияи олимони ҷавонро низ ба роҳ монанд. Маълум аст, ки барои олим синну соли корӣ вуҷуд надорад, ҳар як соати умри ӯ барои миллат ғанимат аст.

Ғ.Қ.Мироҷов аз он хурсанд аст, ки давлат барои пойдевории илми тоҷик имрӯз барои академикҳо шароит фароҳам овардааст, ки корҳои илмиашонро давом диҳанд. Ин қадрдонии роҳбарияти давлат боиси ифтихори миллат аст.

Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки 20 сола шуд, аз ҳарвақта дида ба олимон ниёз дорад. Имрӯз вақти он расида, ки олими тоҷик пеши дигарон илми тоҷикро дар тамоми соҳаҳо нишон дода тавонад ва барои пешрафти он заҳмат кашад. Беҳбудии зиндагии халқ низ аз кори онҳо вобастагии калон дорад. Махсусан, имрӯзҳо, ки кишвар барномаҳои зиёдеро амалӣ карданӣ аст.

Беҳуда намегӯянд, ки миллат дар симои донишмандонаш таҷассум меёбад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**КАТИБАИ РӮЗ**

*Рӯзи нав меояд.*

*Рӯзҳои пешин бо омадани он нопадид шуданд.*

*Имрӯз тоҷик соҳиби давлат шуд, ном баровард.*

*Мегӯянд, ки бузургтарин миллат ҳамонест, ки гузаштаи худро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад.*

## ДАР МОСКВА

Ҳар сол дар кишвари Русия «Ҳафтаи гастроэнтерологҳо» гузаронида мешавад, ки олимону мутахассисони кишварҳои мухталиф масъалаҳои бахшида ба бемории узвҳои ҳозимаро баррасӣ менамоянд. Дар байни ҷамоҳири Осиёи Марказӣ Тоҷикистон ягона кишваре мебошад, ки ҳар сол олими тоҷик, академик Ғ.Қ.Мироҷов ба ин форум даъват мегардад. Соли 2011 (10-12 октябр, ш.Москва) низ дар 17-умин кори он директори Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерелогияи кишвар, академик Ғ.Қ.Мироҷов ва кормандони пажӯҳишгоҳ, доктори илмҳои тиб А. Д. Дӯстов ва номзади илмҳои тиб Ҷ.Пулодов ширкат варзиданд. Дар ин форуми бонуфуз академик Ғ.Қ.Мироҷов узви котиботи илмӣ интихоб гардида, давоми ду рӯз ба ҳайси раиси симпозиумҳо роҳбарӣ намуд. Се маърӯзаи ӯ доир ба бемориҳои проблемавии соҳа аз тарафи олимони дигар хеле хуб қабул гардида, баҳои баланд гирифт.

Тайи чанд рӯзи ширкат дар кори форуми гастроэнтеролгҳои Русия маълум гардид, ки корҳои илмии

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

олими тоҷик дар ин соҳа аз тарафи пажӯҳишгоҳҳо ва олимони мухталиф ба хубӣ эътироф гардида, ҷойи намоёнеро мегиранд. Шунидани фикру андешаи Ғ.Қ.Мироҷов доир ба мушкилотҳои бемориҳои узвҳои ҳозима басо аҳамиятнок аст.

Ин гуфта дар суханронии Президенти ассотсиатсияи гастроэнтерологҳои Русия, академик В.Т. Ивашкин низ хуб қайд гардид.

Давоми як соли сипаришуда дар соҳаи гастроэнтерология дигаргуниҳои назаррас ба амал омаданд, ки ин пеш аз ҳама омӯзиш ва табобати бемориҳои асидвобастаи қисми болои узвҳои ҳозима мебошад. Гарчанде дар солҳои охир шумораи беморони захми меъдаю рӯдаи 12-ангушта кам шуда бошад ҳам, аммо бемории рефлюкси маъдаю сурхруда рӯ ба афзоиш дорад.

Айни замон истеъмоли доруҳое, ки ҳосилшавии шираи меъдаро паст мекунанд (ингибиторҳои помпаи протонӣ), басо боло баромадааст. Танҳо дар ИМА дар давоми сол ин доруҳо ба маблағи 26 миллиард доллар харидорӣ мегардиданд, ки ин нишондод қариб ба буҷаи баъзе мамлакатҳои чаҳон рост меояд. Дар суханронӣ қайд гардид, ки ин доруҳо барои табобати бемориҳои узвҳои ҳозима ниҳоят таъсирнок мебошанд, аммо то ҳануз масъалаҳои гуногуни истифодаи клиникии онҳо мавриди таҳлил қарор нагирифтааст. Баъзе аз онҳо таъсири кам дошта, дорои оризаҳо мебошанд.

Масъалаи дигари мубрами рӯз ин нест намудани бактерияи ҳалқамонанди меъда (H.pylori) ба шумор меравад. Мувофиқ ба пешниҳодҳои гурӯҳи олимони шинохтаи ҷаҳон дар шаҳри Маастрихт (Конгрессҳои Маастрихтӣ I. II. III.ва IV) дар рафти муолиҷа ин бактерия танҳо дар 80-90%

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

беморон нест мегардад, мушкилоти 10-20% беморони дигар бошад, то ҳол вуҷуд дорад. Бояд гуфт, ки ин бактерия ба пайдоиши саратони меъда замина мегузорад.

Нишондоди бемории чарбзеркунии ғайриалкоголии ҷигар бошад, дар мамолики пешрафта ҷаҳон аз 25% то 40% ба назар мерасад. Дар кишвари Тоҷикистон мувофиқи нишондодҳои омӯзишҳои гузаронида беморӣ дар 56% шахсони фарбеҳ (синдроми метаболӣ) ба чашм мерасад. Аксари вақт ин беморӣ ба саратони ҷигар оварда мерасонад. Олимон масъалаҳои мубрами ташхис ва табобати ин бемориро, ки 31 сол пеш ба қайд гирифта шуда буд, (Людвиг, 1980) ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор доданд.

Имрӯз вақти он расида, ки ҳарчи бештар ба масъалаҳои истифодаи технологияи ҳозиразамон (нанотехнология), ташхиси молекулавию генетикӣ дар омӯзиши бемориҳои меъда, ғадуди зери меъда, ҷигар ва рудаҳо бояд рӯ овард. Омӯзиши штаммҳои гуногуни хеликобактер пилорӣ, шумораи вирусҳои В, С ва D, ва намудҳои генетики онҳо имкон медиҳад, ки он доруи муқаррарнамуда ба таври таҳқиқшуда мавриди истифода қарор гирад.

Бори аввал яке аз симпозиумҳо барои табобати бемориҳои метаболӣ гастроэнтерологҳо, кардиологҳо ва генетикҳо бахшида шуд.

Имрӯз проблемаи омӯзиши бемориҳои узвҳои ҳозимаи кӯдакон ва проблемаи истеъмоли ғизои солим дар мадди аввал меистад ва ба ин хотир яке аз ҷаласаҳои форум махсус ин мавзӯро фаро гирифт.

Гастроэнтерологҳои ҷаҳонро имрӯз бемориҳои илтиҳоби рӯдаҳо, вайроншавии ҳаракати рудаҳо, миқдор ва таркиби микробҳо дар рудаҳои борик ва ғафс ба ташвиш овардааст. Ҳарчанд дар форум доир ба онҳо фикрҳою

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

андешаҳои мухталиф баён гардида, равшаниҳо андохта шуд, вале саволҳои зиёд ҳануз ҷавобҳои худро наёфтаанд. Ин ба он далолат мекунад, ки корҳои омӯзиширо амиқтар бояд ба роҳ монд ва бо дастгирии ҳамдигар онро бартараф намуд.

Маърӯзаҳои академик Ғ.Қ.Мироҷов, ки ба бемориҳои узвҳои гувориш бахшида шуда буданд, аз тарафи ҳозирин хуб қабул гардида, мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Махсусан дар ин ҷода таҳқиқи олимони тоҷик дар таъсири доруи «Флебодиа-600» ба бемориҳои зикршуда ва корҳои илмии дигар ҷойи намоёнеро ишғол мекунад. Тадқиқотҳои гузаронидаи ӯ баҳои сазовори худро гирифтанд.

Баргузории ин форуми ҷаҳонӣ ҳар сол дар Русия аз як ҷиҳат ба ҳамкории олимони тоҷик бо олимони мамолики мухталиф далолат намояд, аз тарафи дигар пеши онҳо вазифаи бузургтар –омӯзиши бартараф намудани бемориҳои то ба ҳол таҳқиқ нашударо мегузорад.

Тайи солҳои зиёд ӯ аз ин форум чизҳои зиёдеро омӯхт ва тадқиқотҳои зиёди худро пешкаши олимон намуд. Ба қавле Ғиёсиддин аллакай дар байни ин олимон одами худӣ шуд.

Тарафаи дигари масъала он аст, ки дар «Ҳафтаи гастроэнтерологҳо» – Руссия аз мамолики Осиёи Марказӣ танҳо академик Ғиёсиддин Мироҷов ширкат меварзаду халос. Ин аллакай худ маънии калонеро дорад.

… Муомилаи хуб ва сухани нағзи табиб барои бемор аз ҳамагуна доруи қиматбаҳо шифобахштар аст. Ин суханони гуфтаи табиби машҳуре доимо барои Ғ.Қ.Мироҷов сармашқи кор мебошанд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ӯ доимо ин суханонро ба табибони дигар, ки ҳамроҳаш кор мекунанд, такрор ба такрор мегӯяд ва ҳар вақте ки ба аёдати беморони пажӯҳишгоҳ медарояд, аввалин суол низ ба худи беморон ҳамин аст:

– Муомилаи духтур бо Шумо чӣ хел аст?

Боре бемореро бистарӣ намуданд. Ӯ дам ба дам духтуронро ба палата ҷеғ мезад ва аз ину аз он шикоят мекард. Бемориаш ба хайр, гоҳ хӯрокро турш мегуфту гоҳ саҷоқашро иваз нокарда. Тайи як ҳафта духтурон аз ӯ гурезон шуданд ва ба ҳар як доду фарёди бемор Ғиёсиддинро, ки он вақт ҷавон буд, наздаш мефиристоданд.

Охирон бемор дам фурӯ баст ва ҳама ҳайрон шуда аз Ғиёсиддин сабабашро пурсиданд.

– Илоҷи ҳама гуна дарду шикоят ин гӯш додан ба суханони соҳиби ӯст, ки чи мехоҳад. Ин бемор низ аз танҳоӣ ва зиқӣ ба дод омадааст ва мехоҳад ҳамрозе дошта бошад, ки дарди дилашро барорад. Ӯ акнун дар симои ман ҳамрози худро ёфт ва ҳар лаҳзае, ки вақт меёбам наздаш даромада аз ину аз он сӯҳбат мекунем. Ғубори дилаш тоза мешавад, – гуфт дар ҷавоби дигарон Ғиёсиддин.

Беҳуда нагуфтаанд, ки сухан ҷонофарин аст.

Дар ин бора шоири маъруфи тоҷик Мӯъмин Қаноат гуфтааст:

*Суханро вазну тамкини замин бояд,*
*Суханро қудрати ҷонофарин бояд.*

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ИН ЗАМИН

*Бузургии Инсон на дар гуфтор, балки дар рафтори ӯст.*

*Панд*

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## КАТИБАИ РӮЗ

*Рӯзи нав меояд.*

*Бо покию покизакории худ.*

*Дуо гирифта.*

*Донаи гандум дар даст.*

*Замин бедор.*

*Мегӯянд, ки ҳар рӯзи нав Одамизод бо умед, бо орзуе ба роҳ мебарояд ва ҳидоятгараш Офаридгор аст.*

Марди деҳқон замини ҳосилхезро аз беҳосил фарқ мекунад ва дар замине, ки аз он ҳосили дилхоҳ гирифтан гумон аст ҳаргиз заҳмат намекашад. Водии Қаротегин аз қадим боз бо мардуми заҳматкаш ва мушкилписандаш маълуму машҳур аст. Ин хусусияти мардуми водӣ дар асарҳои аввалини устод Садриддин Айнӣ, ки дар айёми нав эҷод шудаанд, равшану возеҳ таҷассум ёфтааст. Ба водии Қаротегин ишора кардани устод Айнӣ мақсади дигари дурбинона низ дошт. Аз таърихи тақсимоти ҳудудӣ дар Осиёи Марказӣ маълум аст, ки солҳои бистум як идда пантуркистон мавҷудияти миллати тоҷикро зери шубҳа қарор дода, бо ҳамин далел нияти аз ҳудуди миллӣ маҳрум сохтани тоҷиконро доштанд. Онҳо бо соҳиб шудани бештари ҳудудҳои садсолаҳо ободнамудаи тоҷикон, аз ҷумла шаҳрҳои бостонии Самарқанду Бухоро, асосан ба мақсад расида буданд, вале воқеияти таърихиро пурра инкор карда натавонистанд ва тоҷикон соҳиби қаламрави худ шуданд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Устод Айнӣ барои қаҳрамонони асарҳояш аз мардуми кӯҳистони Тоҷикистон мисол оварда, дар амал исбот менамояд, ки соҳиби ҳудудҳои мазкур воқеан мардуми бумии тоҷик мебошанд.

Солҳои ҳукумати шӯравӣ мардуми кӯҳистон дар ҳақиқат ҳайсияти миллии тоҷик, соҳиби тамаддуни башар буданашонро собит сохтанд. Аз байни фарзандони маҳалҳои кӯҳистони Тоҷикистон, аз ҷумла водии Қаротегин даҳҳо адибону олимон ва сиёсатмадорони маъруф ба воя расиданд, ки парчами миллати тоҷик ва сарзамини тоҷиконро дар миқёси ҷаҳон баланд бардоштанд.

Имрӯз бо Қаҳрамони Тоҷикистон Нусратулло Махсум, ки барои таъсисёбии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматҳои беназир намудааст, халқи тоҷик мефахрад. Номи Шоири халқии Тоҷикистон устод Боқӣ Раҳимзода, адибон Алӣ Хуш, Акобир Шарифӣ, Меҳмон Бахтӣ, Мӯҳтарами Ҳотам, Аҳлиддин Ҳисорӣ, Муҳаммадраҳими Сайдар, Рустами Ваҳҳоб, доктори илми тиб, шодравон Маҳдӣ Орзуев, доктори илми ҷуғрофиё Холназар Муҳаббатов, доктори илми иқтисод Мусофир Кабутов, доктори илми филология, узви вобастаи АИ ҶТ Додихудо Саймиддинов, доктори илмҳои фалсафа Абдусамад Самиев, сиёсатмадорон Маҳмадулло Холов, Сайдулло Хайруллоев, Исо Тоҷиддинов, номзадҳои илм Садриддин Нуров, Мирзохӯҷа Пиров, Эргаш Шоев ва даҳҳо дигаронро бо ифтихор ба забон меорем. Онҳо дар баробари дигар фарзандони фарзонаи миллат дар рушду нумӯи илму адаб ва фарҳанги кишвар саҳми босазо гузоштанд ва мегузоранд.

Имрӯз водии зархези Вахшро бе родмардони водии Қаротегин тасаввур кардан ғайриимкон аст. Мардуми меҳнатдӯсти водиро ҳанӯз солҳои сиюми асри гузашта ба-

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

рои ободонии даштҳои навкорам аз ҷою манзили бобоияшон кӯчонда, ба водии Вахш оварданд. Дар муддати начандон тулонии таърихӣ дар заминҳои ноободи водии як замон ташналаби Вахш шаҳру деҳоти обод барпо шуда, дар мамлакат шӯҳратёр гаштанд.

Академик Ғ.Қ.Мироҷов яке аз ҳамин симоҳо мебошад, ки бо кору пайкори худ номи диёр ва кишварро дар сатҳи баланд боло бардошта, ҳамчун вориси ҳақиқии Сино ба миллати худ хизмати софдилона намудааст.

… Мусофир пас аз сафари тӯлонӣ лаҳзае таваққуф намуда боз андешаи роҳи рафта мекунад. Оё пайроҳаи интихобкарда ҳамвор баромад, он ба шоҳроҳ пайваст шуд. Заҳматҳои кашида кулвори сафарро пур намуданд? Андешаи роҳу андешаи зиндагӣ …

Ӯ соли 1966 ба ҳайси лаборант ба Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологии кишвар ба кор омад. Аз он рӯз солҳои зиёд гузашт ва фаъолияти корӣ низ ӯро ба куҷоҳое набурд: таҳсил дар аспирантураи Пажӯҳишгоҳи тибби рақами 1 ш. Москва, ҳимояи рисолаи номзадӣ таҳти роҳбарии академик В.В.Серов (с. 1971), корманди калони илмии шӯъбаи морфологияи пажӯҳишгоҳ, муовини директор оид ба илм (с.1972), ҳимояи рисолаи докторӣ дар шаҳри Москва (с.1981), узви вобастаи АИ ҶТ (с.1991), мудири шӯъбаи биология ва тибби Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (с.2001-2005), сардори Раёсати илм ва муассисаҳои илмии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон (с.1995-2000), директори Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологии кишвар (с.2000), узви пайвастаи АИ ҶТ (с.2001) ва Президенти Академияи илмҳои тибби назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон (с.2009-2011).

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҳамаи ин гӯё хобу хаёле буд, 34 соли умр сарфи ин роҳ шуд.

Шукр, ки тайи ин солҳо мавқеи худро ёфту соҳиби манзалату мартаба шуд. Писараке, ки аз як деҳаи хурди ноҳияи Рашт ба берун баромад, номбардори илми тибби ҷаҳонӣ гардид, ба дараҷаи академикӣ расид. Имрӯз дар даҳҳо кишвар номи ӯро мегиранду аз рӯи корҳои илмии ӯ кор мебаранд . Пас, ҳамаи ин барои як мард басанда нест?! Ё…

Ғиёсиддин паҳлу гашт. Шаббодаи саҳарӣ аз тирезаи кушода бӯи баҳори нозанинро меовард. Аввалин нурҳои офтоб аз оғози рӯзи нав дарак медоданд.

Варақи сафед гӯё ба забон меомад…

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## АЗ МУАЛЛИФ

Имрӯз расидем ба фарҷоми сухан.

Аз оғози он қариб як сол сипарӣ шуд. Ва мақсади ягона ин то ба ҷое ба хонанда расонидани сухан бобати кору пайкори як марди шариф, академик Ғиёсиддин Қудбудинович Мироҷов буд. Албатта, қазоват аз худи хонанда аст.

Чандин вохӯрию сӯҳбатҳо, варақгардон намудани хотироти дӯстон бобати ин мард, мутолиаи баъзе маводҳои илмии навиштаи ӯ ба мо имкон дод, ки чанд ҳарфро рӯи коғази сафед биёрем. Вале бояд гуфт, ки то ба имрӯз мо рисолати худро ба охир нарасондем. Зеро дар боби нафаре навиштан ва ҳама буду набуди онро ба риштаи тасвир кашидан кори осон ва яксола нест. Ин басо давраи тӯлониро талаб мекунад. Хусусан, вақте сухан сари зиндагиномаи академики маъруф меравад. Ва аз тарафи худи устод ҳам имрӯз ба ёд овардани ҳама он пайроҳаи тайкарда кори осон нест. Зиёда аз 60 соли умр паси сар шуд. Ва ҳар як соати ин рӯзҳо таппиши дили устод буданд, ки фарозу нишебиҳои зиёд ба худ доштанду аз худ гузоштанд. Ба гуфти бузургон ин талоше дар пайроҳаи Зиндагӣ буд.

Кори олими тиб тамоми давру замон кори осон набуд ва масъулияту заҳмати зиёдеро талаб мекунад. Шабзиндадориҳо, тадқикотҳои илмӣ, омӯзиши дарди бемор, … аз ҷумлаи онҳо ба ҳисоб мераванд Гуфтан метавон, ки он ки бо роҳи илм меравад, зиндагии худро фидои он мекунад. Намунаи барҷастаи ин гуфтаҳо зиндагиномаи олими тоҷик Абӯалӣ ибни Сино аст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Академик Ғ.Қ.Мироҷов низ вориси ҳаққонии ин фарзонаи Шарқ аст ва зиндагии худро сарфи илми тиб намуд. Новобаста аз давру замон ва монеаҳое, ки дигарон мехостанд барояш эҷод намоянд, дар талоши илоҷи дарди бемору пешрафти илми тибби тоҷик буд. Шабу рӯз ва моҳу солҳо… Ва имрӯз бо сарбаландӣ метавон гуфт, ки ин марди шариф рисолати инсонии худро бо пуррагӣ иҷро намуд. Аз амали неки худ мактабе бино намуд, ки даҳсолаҳои оянда мавриди омӯзишу таҳқиқи олимону табибон қарор мегирад.

Имрӯз вақте ки ба роҳи тайкардаи ин абармард менигарӣ, солҳои зиёде пеши рӯ меоянд. Оинаи зиндагӣ нафареро инъикос менамояд, ки нигоҳи андешамандонаву бузургии дигар дорад.

Мегӯянд бузургтарин кори инсон, ки зиндагии худро сарфи он менамояд, ин хизмати софдилона ба халқу меҳани худ мебошад. Ва албатта, подоши ин ҳама заҳматҳо эътироф гаштани инсон аст, ки академик Ғиёсиддин Қудбудинович Мироҷов онро кайҳо боз сазовор гаштааст.

Шоири бузурги тоҷик Аскар Ҳаким бузургии ин абармардро чунин ифода карда:

*Аҷаб фарзонае дар тиб Ғиёсиддини Мироҷ аст,*
*Агар тиб шоҳи илм аст, ӯ сари ин шоҳро тоҷ аст.*

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**МУНДАРИҶА**

Гурез Сафар. Афсонаи нек.......................... 3
ИН МАРД.................................................... 5
Модар ........................................................ 5
Падар ......................................................... 9
Деҳаи ман – кӯдакиам............................. 14
Донишомӯзӣ............................................. 20
Мактаби Академик Мансуров ................. 25
Фатҳи зиннаи  аввали илм ....................... 32
Олими маъруф .......................................... 39
Роҳи рост .................................................. 45
Қадамҳои аввал дар шоҳроҳи илм ......... 50
Имтиҳони зиндагӣ ................................... 54
Устод Мироҷов......................................... 57
Тадқиқотҳои илмӣ ................................... 67
Баъди сари падар .................................... 72
Дар Москва............................................... 75
ИН ЗАМИН ................................................ 80
Аз муаллиф ............................................... 85

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Шодмони Карим**

**ИН МАРДУ ИН ЗАМИН**

*(очерк, хотира)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири сафҳабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 27.05.2012 супурда шуд. Чопаш 29.05.2012
ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 6.25. Андозаи 60х 84 1/16
Адади нашр 500 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар ҶДММ «Офсет-империя» чоп шудааст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*